ЗИНАТИ ИНСОН СЕ ЧИЗ АСТ: ИЛМ, МУҲАББАТ ВА ОЗОДӢ

# АНВОРИ ДОНИШ



E-mail: anvor.donish@kgu.tj Нашрияи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ
www.anvor.tj №6 (351) 18-уми сентябри соли 2024, душанбе (оғози нашр: соли 1994)

# ДОНИШГОҲИ МО ИФТИХОРИ МОСТ!



**Донишгоҳи давлатии Кӯлоб яке аз марказҳои асосии тайёр намудани омӯзгорон ва рушди фарҳангу адаби кишвар ба ҳисоб рафта, ҳазорон нафар дастпарваронни он имрӯз дар муассисаҳои гуногуни таълимӣ ва соҳаҳои мухталифи иқтисоди миллиамон дар ҳамаи минтақаҳои кишварамон ва хориҷ аз он фаъолият доранд.**

**Эмомалӣ Раҳмон**

*Аз суханронӣ дар тантанаҳои Рӯзи дониш ва 70-солагии таъсиси Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ аз 01.09.2015*


## СОЗАНДАГОНИ ОЯНДА...



С. 2

## РАМЗИ СОҲИБДАВЛАТӢ



С. 3-5

## БУЗУРГОНРО БУЗУРГОН ЗИНДА МЕДОРАНД





С. 6

## ДДК. АЗ ИҶРОИ РИСОЛАТ ТО ДУРНАМОИ НЕК



С. 8-9

## ХАБАРҲО





С. 12-13

*Биё, бо ҳам бисозему ҷаҳонеро барафрӯзем,*
*Биё, бо ҳам биёмезему дунёро биёмӯзем. Лоиқ Шералӣ*

Анвори дониш
№6 (351), ЧОРШАНБЕ, 18.09.2024

# СОЗАНДАГОНИ ОЯНДАИ ДАВЛАТ, МИЛЛАТ ВА ВАТАН



## Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар ситоиши Истиқлолият ва мактабу маориф

**Аз ҷониби хурду бузурги мамлакат бо шукӯҳу шаҳомат ва бо хушҳоливу хурсандӣ таҷлил гардидани ҷашни истиқлол нишонаи возеҳу равшани он аст, ки мардуми шарифи Тоҷикистон ба қадри озодиву соҳибихтиёрӣ, сулҳу оромӣ, суботи сиёсӣ ва ваҳдати миллӣ мерасанд ва ба таърихи пурифтихор, тамаддуни бостонӣ, забон, фарҳанг, расму ойинҳо ва суннату анъанаҳои миллии худ ҳамчун арзишҳои бебаҳову ҷовидонӣ эҳтирому арҷ мегузоранд.**

**Истиқлолу озодӣ барои ҳар фарди Тоҷикистон арзиши муқаддастарин, сарвати гаронбаҳотарин ва сарчашмаи саодат ба ҳисоб меравад.**

**Имрӯз ба шарофати истиқлол давлати Тоҷикистон аз ҷониби ҷомеаи ҷаҳонӣ эътироф гардида, кишвари азизи мо ба узвияти кулли созмонҳои бонуфузи дунё пазируфта шудааст.**

**Имрӯз мо бояд шукрона кунем, ки давлати соҳибистиқлол дорем, сарҷамъ ва ором ҳастем. Бинобар ин, дастовардҳои истиқлолияти давлатиро ҳамчун гавҳари қиматбаҳо эҳтиёт кунем, ба қадри Ватани озоду мустақил, сулҳу оромӣ расем, ваҳдати миллиро таҳким бахшем ва дар баробари ин, наслҳои навро дар рӯҳияи ватандӯстӣ, ифтихори миллӣ ва худогоҳиву худшиносӣ тарбия кунем.**

**Дастоварди бузургтарини мо дар солҳои истиқлолият барқарор намудани сулҳу суботи комил ва ваҳдати пойдори миллӣ, таъмини рушди устувори иқтисодиву иҷтимоӣ, таҳкими худшиносиву худогоҳӣ, болоравии ҳисси ватандӯстиву ватандорӣ дар миёни тамоми табақаҳои ҷомеаи Тоҷикистон аст, ки маҳз ба шарофати хиради азалии мардуми соҳибмаърифату фарҳангдӯсти тоҷик муяссар гардид.**

**Мо бояд ҳамеша аз истиқлолияти давлатӣ ва ваҳдати миллӣ, ки азҷумлаи муқаддасоти ҷовидонӣ мебошанд, шукрона карда, онҳоро чун гавҳараки чашм эҳтиёт ва ҳифз намоем. Истиқлолият соҳибихтиёрӣ ва мустақилияти воқеии давлатро дар танзим ва пешбурди сиёсати дохилӣ ва хориҷии худ инъикос намуда, дар бахшҳои сиёсат, иқтисод, фарҳанг, иҷтимоиёт ва дигар аркони зиндагии ҷомеа соҳиби қарор будани кишварро нишон медиҳад.**

**Худшиносӣ насли наврасу ҷавонро дар рӯҳияи ватандӯстиву ифтихори миллӣ, садоқат ба анъанаву суннатҳои аҷдодӣ, арҷ гузоштан ба арзишҳои таърихиву фарҳангии ниёгон ва дастовардҳои умумибашарӣ ҳидоят мекунад ва онҳоро чун ҳомиёни воқеӣ ва номбардори миллати хеш ба камол мерасонад.**

**Ба тамоми халқи Тоҷикистон, ҳар фарди худогоҳ ва бонангу номуси миллат зарур аст, ки ба қадри соҳибистиқлолӣ ва соҳибихтиёрӣ, сулҳу субот ва оромии ҷомеа расида, онҳоро ҳамчун неъмати бебаҳо қадршиносӣ кунанд, зиракии сиёсиро аз даст надиҳанд ва ҳамеша барои ҳифзи манфиатҳои олии миллат ва давлат азму талош намоянд.**

**Қобили зикр аст, ки андешаи миллӣ натанҳо фаъолияти давлат ва сохтору мақомоти давлатиро роҳнамоӣ мекунад, балки самтҳои асосии фаъолияти шаҳрвандонро муайян карда, онҳоро ба амалӣ гардонидани мақсадҳои наҷибу бунёдкоронае ҳидоят менамояд, ки тақдири ояндаи халқу Ватан аз ҳаллу фасли онҳо вобаста мебошад.**

**Андешаи миллӣ ва истиқлолияти давлатӣ омилҳои муҳиме мебошанд, ки дар ҳифзи ягонагии миллат ва якпорчагии мамлакат, сулҳу субот ва ваҳдати миллӣ, инчунин, густариш пайдо кардани худогоҳиву худшиносӣ дар ҷомеа нақши муайянкунанда мебозанд.**

**Ҷомеа бояд хуб дарк намояд, ки эҳтиром ба омӯзгор – эҳтиром ба ояндаи миллат аст.**

**Омӯзгор шахсест, ки бо нури саводу маърифат ва илму дониш ҳаёти ҷомеаро равшан месозад, хурофоту ҷаҳолатро аз ҳаёти ҷомеа берун мекунад ва созандагону ободгарони ояндаи Ватанро ба камол мерасонад.**

**Агар мо хоҳем, ки дар оянда миллати босаводу пешрафта бошем, давлати аз лиҳози илмӣ ва техникиву технологӣ тараққикарда дошта бошем ва сатҳи зиндагии ҷомеаро бамаротиб баланд бардошта тавонем, бояд масъулият ва сатҳи касбияти омӯзгоронро баланд бардорем.**

**Аз оғози даврони соҳибистиқлолӣ то имрӯз масъалаҳои мактабу маориф ва омӯзгору хонанда таҳти таваҷҷуҳу ғамхории аввалиндараҷаи Ҳукумати мамлакат қарор дошта, раванди ислоҳоти соҳаи маориф ва таҷдиду навсозӣ дар ҳама самтҳои он бомаром идома дорад.**

**Чун анъанаи нек бо дарси сулҳ оғоз гардидани соли таҳсил дар ҳамаи зинаҳои таҳсилот барои хонандагону донишҷӯёни кишвар аҳаммияти басо муҳимми таълимиву тарбиявӣ дорад.**

**Зеро танҳо дар сурати барқарор будани сулҳу суботи комил ва оромиву амният ҳамаи соҳаҳои ҳаёти ҷомеа ва давлат, аз ҷумла раванди таълиму тарбия ба таври муътадил идома пайдо мекунад.**

**Муаллим бояд шаҳрвандони сатҳи маърифаташон баланд, дорои тафаккури эҷодӣ, ҳамаҷониба рушдёфта ва соҳиби дониши амиқ, дорои маҳорату малакаи касбӣ тайёр намояд.**

**Ояндаи ҷумҳурӣ бештар ба таҳсил, ҳаматарафа дониш андӯхтани ҷавонон вобаста аст. Мо тараққиёти ҳаматарафаи соҳаҳои хоҷагии халқи ҷумҳуриро бе иштироки мутахассисони ҷавон тасаввур намекунем.**

**Тарбияи насли дилсӯзу ғамхори Ватан, халқу ҷамъият, насле, ки масъулияти фардои Тоҷикистонро ба дӯш гирифта тавонад, вазифаи аввалиндараҷа ва муқаддаси системаи маорифи мост.**

**Маориф бояд ҳарчи зудтар қолабҳои кӯҳнаро шикаста, ба фаҳмиши ҷомеаи демократӣ, ба маданияти нави сиёсӣ, ба маълумоти бозоргонӣ гирифтани аҳолӣ роҳ кушояд.**

**Яке аз вазифаҳои пурифтихори мактаб он аст, ки тарбияи инсондӯстонаи насли наврас, ташвиқу тарғиби пайванди наслҳоро ба роҳ монад, ҳисси шаҳрвандии шогирдонро бедор намояд, то ки онҳо ҳуқуқ ва вазифаҳои худро дар назди халқу Ватан, ҷомеа ва давлат фаҳманд.**

**Нисбат ба ҷавонони хушзеҳн, болаёқат ва ғайратмандамон чун ба сарвати миллӣ ва як рукни инкишофи ояндаи кишвар муносибат кунем, барои камолоту сабзиши онҳо ғамхорӣ зоҳир намоем.**

**Шаклҳо ва усулҳои муосири созмондиҳии мактабу маорифро ҷасуронатар ба роҳ мондан лозим аст.**

**Ғояи ватандӯстӣ муҳимтарин фишанги ҳаракатдиҳандаи пешрафти ҷамъият аст. Аз ин рӯ, агар Тоҷикистон Ватани ҳамаи тоҷикистониён аст, пас ватандӯстии шаҳрвандони мо тақозо мекунад, ки аввалтар аз ҳама дар бораи Ватани ягонаи худ андеша ва ғамхорӣ намоем.**

**Бубинед, ки кӯдак вақте ба мактаб меравад, чӣ қадар ақлу фаҳмиш дорад? Чӣ қадар дониш дорад? Чӣ қадар хондаву навишта метавонад ва дарки ӯ оид ба ҳаёту зиндагӣ дар чӣ сатҳ аст? Тақрибан ҳеҷ! Аммо омӯзгор аз ӯ дар муддати 11 сол як инсони комил тарбия мекунад.**

**Ана ин аст рисолати инсонсозии омӯзгор.**

**Яъне ояндаи давлат, миллат ва Ватанро маҳз шумо месозед.**

# ИСТИҚЛОЛИЯТ-БУЗУРГТАРИН ДАСТОВАРДИ МИЛЛАТИ ТОҶИК



*МАҲМУД АБДУЛЛОЕВ - профессори кафедраи таърихи халқи тоҷик*

**Истиқлолият воқеан, як калимаи муқаддас ва бузург мебошад, ки миллатҳо солҳову асрҳо баҳри ба даст овардани он ҳама дороияшонро, харҷ мекунанд, вале боз ноком мегарданд ва орзуҳои худро ба олами хомушон мебаранд. Истиқлолият калимаест, ки ба ҳеҷ навъ онро наметавон баён намуд, онро танҳо эҳсос метавон кард. Истиқлолият калимаест, ки миллатро ба ҷаҳониён муаррифӣ менамояд. Истиқлолият мафҳумест, ки шаъну шараф ва ҳуқуқу озодиҳои миллатро таъмин менамояд. Истиқлолият калимаест, ки шахси баҳри ноил гаштан ба ӯ ҷонсупурдаро дар саҳифаҳои заррини таърих қаҳрамон ва шуҷоу далер сабт менамояд.**

Бале, Истиқлолият моҳияти дастии озоди инсонро ифода месозад. Имрӯз миллати мо аз он ифтихор дорад, ки соҳиби давлати мустақил аст, яъне ба Истиқлолияти комили сиёсӣ даст ёфтем, давлати миллӣ ва соҳибихтиёри Ҷумҳурии Тоҷикистонро таъсис додем, ки дар таърихи навини давлатдориямон руйдоди бузурги нодири таърихист. Зеро миллатҳое буданд, ки мавҷудияти миллати куҳанбунёди тоҷикро эътироф намекарданд ва ӯро ҳамчун миллат намешинохтанд, ҳамин монеа гардид, ки баъди Инқилоби Октябр Ҷумҳурии Тоҷикистонро ҳамчун Ҷумҳурии автономӣ ташкил карданд ва ин таҳқирро бузургоне, чун устод Айнӣ, бардошт карда натавонистанд ва ба шиносондани ин миллати куданбунёду фарҳангӣ пардохтанд ва асари бузурги худ “Намунаи адабиёти тоҷик”-ро иншо карда, аз миллати худ дифоъ намуданд. Мешавад гуфт, ки аз ҳамон лаҳза аввалин хишти Истиқлолияти сиёсии миллати мо гузошта шуда буд, гарчанде ки ин як муддати дигар дар қалбҳои хирадмандону миллатдӯстон парвариш меёфт. Танҳо дар охири солҳои 90-уми асри бист дубора ба Истиқлолияти сиёсӣ расидем ва соҳибихтиёрии миллиро ба даст овардем.

Истиқлолияти сиёсӣ аз истиқлолияти миллӣ, марзӣ, фарҳангӣ ва забонӣ иборат буда, дар маҷмуъ истиқлолияти давлатиро ифода месозад. Аз ин ру, Истиқлолият мазҳари ормонҳои таърихӣ, ҷавҳари ҳувияти миллӣ, саргаҳи Ватану ватандорӣ ва асли давлати миллӣ мебошад. Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳамеша дар бaромаду суханрониҳояшон Истиқлолиятро бузургтарин ва муқаддастарин дастоварди миллати тоҷик номида, аҳамияти ин масъалаи муҳимро баён менамояд ва мардумро барои ҳифзу нигоҳдории он чун гавҳараки чашм роҳнамоӣ намуда, онро тантанаи асолати таърих ва бо силсилаи давлатдориҳои чандинҳазорсолаи ниёгонамон пайвастани оини давлатдории навини миллиамон меномад: «Маҳз Истиқлолият ба мо имконияти таърихие фароҳам овард, ки Ватани худро соҳибӣ кунем, давлатдории миллии худро барпо намоем, суннату арзишҳои миллиамонро эҳё созем, ормонҳои деринаи халқамонро амалӣ гардонем ва зиндагии озодонаи мардумамонро ба роҳ монем». Дар ҷойи дигар таъкид намуда, мефармояд: «Дар натиҷа мо дар зарфи беш аз се даҳсолаи гузашта ба як силсила дастовардҳои бунёдие ноил гардидем, ки сарнавишти минбаъдаи давлати соҳибистиқлоламон ба онҳо вобастагии мустақим дорад. Муҳимтарин дастоварди мо дар ин давра таъмини сулҳу оромӣ, аз хатари нобудӣ наҷот додани давлатдории миллиамон ва аз парокандагӣ раҳо бахшидани миллатамон мебошад». Бояд қайд намоям, ки имрӯзҳо аз харитаи сиёсии ҷаҳон чандин давлат маҳв мешавад, шояд барои ҳамешагӣ дигар дар харита пайдо нагардад, яъне парокандагӣ на он қадар кори душвор ва номумкин гаштааст. Аз ин ру, бузургтарин дастоварди замони Истиқлолият ҳифзи якпорчагии марзу буми кишвар мебошад. Зеро хона бошад, ҳамаи чизи дигар мешавад, бе хона маъное нест, ки ба он паноҳ барӣ ва ӯро обод намоӣ. Акнун вазифаи мо аст, ки он хонаро ободу зебо гардонем ва сарвари давлат низ таъкид менамоянд, ки: «Дар айни замон, итминони комил дорам, ки мардуми сарбаланду бонангу бономус, ватандӯсту ватанпарвар ва соҳибтамаддуни тоҷик бо дарки қадру қимат ва арзиши таърихии истиқлолият ва дастовардҳои бузурги ин давра сиёсати давлату Ҳукумати мамлакатро минбаъд низ самимона ва ҳамаҷониба дастгирӣ менамоянд. Зеро мо ҳанӯз дар зиндагии ҷомеа ва давлатамон мушкилоти зиёд дорем. Вале дар айни замон итминони комил ва азму иродаи қавӣ дорем, ки ҳамаи мушкилоти мавҷудаpо бо дастгирии мардуми заҳматкашу таҳаммулгароямон, бо заҳмати аҳлонаву софдилона бартараф месозем ва нақшаву ниятҳои созандаамонро ба хотири ободии сарзамини аҷдодӣ ва пешрафти давлати соҳибистиқлоламон амалӣ мегардонем».

Маҳз самараи ваҳдати миллӣ ва тарғиби пайвастаи ғояҳои он буд, ки Тоҷикистон дар муддати кутоҳи таърихӣ ба марҳалаи рушди устувор ворид шуда, дар самти беҳтар намудани сатҳу сифати зиндагии аҳолӣ ба дастовардҳои хеле назаррас ноил гардид.

Раҳоӣ бахшидани кишвар аз буҳрони шадиди иқтисодӣ, гузоштани заминаи устувор барои таъмини рушди иқтисодӣ, бунёди зерсохторҳои энергетикӣ ва коммуникатсионӣ, аз ҷумла роҳу нақбҳо, хатҳои баландшиддати интиқоли барқ, зеристгоҳҳои барқӣ, рушди бомароми саноату кишоварзӣ, соҳибкорӣ ва бахши хусусӣ, бунёди даҳҳо ҳазор гектар боғу токзор аз ҷумлаи дастовардҳои назаррааси ин марҳала мебошанд.

Сохтмон ва таъмиру таҷдиди ҳазорҳо мактабу кудакистон ва муассисаҳои тиббӣ, қомат афрохтани даҳҳо кохи фарҳангу китобхонаву варзишгоҳ ва умуман, дигаргун гардидани симои шаҳру ноҳияҳо ва шароити зисти сокинони онҳоро имрӯз дар фарди огоҳи кишвар чун ойина дар пешорӯи худ мебинад.

Истиқлолият музаффариятҳои зиёдро ба бор овард. Танҳо дар давоми ҳафт соли охир суръати рушди иқтисоди миллӣ ба ҳисоби миёна 7,5 фоизро ташкил дода, ҳаҷми маҷмуи маҳсулоти дохилӣ 1,5 баробар зиёд гардид.




Мувофиқи стратегияи миллии рушд то соли 2030 афзоиши бесобиқаи ҳиссаи саноат дар маҷмуи маҳсулоти дохилӣ пешбинӣ шудааст.

Ин чунин маънӣ дорад, ки мо бояд дар ин давра садҳо корхонаи муосири саноатӣ бунёд карда, даҳҳо ҳазор ҷойи нави корӣ муҳайё созем ва содироти маҳсулоти тайёри саноатиро зиёд кунем.

Дар шароити имрӯзаи пешрафти иқтисодӣ соҳаи саноат яке аз соҳаҳои муҳимми иқтисоди миллӣ маҳсуб ёфта, таъмин намудани рушди он яке аз вазифаҳои афзалиятнок ба шумор меравад.

Татбиқи ин вазифаи муҳим имкон медиҳад, ки Тоҷикистон дар давраи миёнамуҳлат аз кишвари аграриву саноатӣ ба мамлакати индустриаливу аграрӣ табдил дода шавад.

Аз ҷумла ташкили низоми ҳуқуқиву иқтисодии шарикии давлат ва бахши хусусӣ, соддагардонии расмиёти бақайдгирии соҳибкорӣ, ба танзим даровардани санҷишҳои фаъолияти субъектҳои хоҷагидор, низоми иҷозатдиҳӣ, иҷозатномадиҳӣ, андозбандӣ, соддагардонии савдои хориҷӣ, эълони мораторий ба санҷишҳои фаъолияти соҳибкорони истеҳсолӣ дар рушди саноатӣ кишвар нақши муҳим доранд.

Соҳаи саноати Тоҷикистон то замони истиқлол дар доираи низоми нақшавии тақсимоти қувваҳои истеҳсолкунанда ташаккул ёфта, аз корхонаҳои он металлҳои рангаву нодир ва қиматбаҳо дар шакли маъдан, маҳсулоти саноатӣ бофандагӣ ва хурокворӣ ҳамчун маҳсулоти тайёру нимтайёр дар дохил ва дар ҳудуди собиқ давлати шуравӣ ба фуруш бароварда мешуданд.

Бо мақсади баланд бардоштани саҳти некуаҳволии табақаҳои мухталифи ҷомеа ва ҳаллу фасли муаммоҳои иқтисодӣ Президенти кишвар ташаббуси таҳияи ҳуҷҷати давлатии Стратегияи паст кардани сатҳи камбизоатӣ ва Қонун “Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросимҳо”-ро бар асоси тақсимоти одилонаи натиҷаҳои рушди иқтисодӣ ба миён гузоштанд. Натиҷаи ин иқдоми хирадмандона ва рушди босуботи иқтисодии кишвар буд, ки дар ҷумҳурӣ сол ба сол даромаднокии аҳолӣ зиёд шуда, сатҳи камбизоатӣ торафт кам шуда истодааст.

Ҷоиз ба қайд аст, ки рушди мунтазами иқтисоди кишвар бе таъмини истиқлоли энергетикӣ ва таъмини комили соҳаҳои хоҷагии халқ бо неруи барқ ғайриимкон аст. Сохтмони неругоҳҳои барқи обӣ бо мақсади таъмини истиқлолияти энергетикии кишвар, аз ҷумла сохтмон ва ба истифода додани НБО-и «Сангтуда-1» НБО-и «Саштуда-2», дуагрегати «Роғун» ва дигар неругоҳҳои хурду бузург. Давлати тозамустақил ва ҳалқи азиятдидаи тоҷик барои устувории Истиқлолият, нигоҳдошти якпорачагии марзу бум, идораи давлат ва ба роҳ мондани истеҳсолот ва барқарории муносибат бо ҷомеаи ҷаҳонӣ лозим буд, ки Конститутсияи кишвари орзую ормонашро бо якдилӣ қабул намояд. Агар гуем, ин руйдод дуюмин дастоварди бузурги сиёсӣ замони Истиқлолият ба шумор меравад, ҳеҷ иштибоҳ нахоҳем кард. Зеро барои расидан ба сулҳи кул ва Ваҳдати миллӣ пеш аз ҳама пояи қонунии фаъолияти ҳокимият лозим буд ва инро танҳо Конститутсияи мукаммал ва мутобиқ ба талаботи замони муосир бароварда менамуд. Роҳбари хирадманди давлат ин масъаларо хуб дарк намуда, дар ии санади тақдирсоз ба чунин нуктаҳо аҳамияти махсус доданд:

Ҳоло мо метавонем бо ифтихору сарфарозӣ эълон кунем, ки дастовардҳои истиқлоли давлатӣ беназиранд.

Истиқлолу озодӣ, истиқрори сулҳу суботи сартосарӣ ва ваҳдати миллӣ роҳи моро ба суи амалӣ гардонидани дигаргуниҳои бунёдии ҷамъиятиву сиёсӣ боз намуд.

Истиқлоли миллӣ, ҳамчунин, ба ҳайси омили муттаҳидсозандаи халқи Тоҷикистон имкони таърихие овард, ки мо дар кишварамон бо такя ба арзишҳои аз ҷониби умум пазируфташуда таҳкурсии ташаккули ҷомеаи шаҳрвандиро гузорем.

Интихоби дурусти роҳи минбаъдаи пешрафт имконият фароҳам сохт, ки Тоҷикистон равобити худро бо ҷомеаи ҷаҳонӣ ба таври муназзаму бомаром рушд дода, дар байни давлатҳои мутамаддини олам мавқеи сазовори худро пайдо намояд.

То имруз давлати мо бо зиёда аз 160 кишвари ҷаҳон робитаҳои дипломатиро роҳандозӣ намуда, бо онҳо муносибатҳои дустӣ ва ҳамкориҳои барои ҷонибҳо судмандро тақвият мебахшад ва пайгирона густариш медиҳад. Бо итминон изҳор медорем, ки мардуми шарифи Тоҷикистон ба хотири таҳкими пояҳои давлатдории навини худ, сулҳу субот ва ваҳдати миллӣ беш аз пеш саъю талош карда, ба суйи дастовардҳои бештар қадамҳои устувор мегузоранд ва нуфузу эътибори мамлакатро дар арсаи байналмилалӣ боз ҳам устувор мегардонанд.

# ИСТИҚЛОЛИЯТ – КАФИЛИ СУБОТИ ҶОМЕА

***Худо он миллатеро сарварӣ дод,***
***Ки тақдираш ба дасти хеш бинвишт.***
***Ба он миллат сару коре надорад,***
***Ки деҳқонаш барои дигарон кишт.***

Баъд аз 1000 сол миллати тоҷикро муяссар гардид, ки истиқлолият ба даст оварад. Ин миллати куҳантаърих ва муттамадин дар давоми 10 аср дар асорат ва залолату сахтӣ умр ба сар бурда, душвортарин давраҳои мавҷудияташро сипарӣ кард. Ба қавли шоир:

***Халқи тоҷик,***
***Халқи армон,***
***Об дар чашм,***
***Чун ятимон.***
***Дар лабаш хашм***
***Чун асирон,***
***Аз ватан то бар кафан ҳар буду нобуде, ки буд,***
***Бар кафанталбу ватанталбандаҳо бахшиду дод.***

Анҷоми асри XX оғози эҳёи миллати сарбаланди мо гардид. Занҷири асорат аз души миллат бардошта шуд ва миллат вориди марҳилаи нави таърихие гашт, ки онро авлодону аҷдодони гузаштаамон орзу мекарданд.

Баъди пароканда гардидани империяи абарқудрати Шуравӣ Тоҷикистон – ватани тамоми тоҷикони дунё – дар арсаи байналмилалӣ ҳамчун давлати мустақил ва соҳибихтиёр эътироф гардид. Акнун мо на ба воситаи дигарон, балки бо намояндаи хоси худ дар олам соҳиби ҳуқуқҳои хеш гардидем. Мо соҳиби марзу буми худ, соҳиби парчам, нишон, суруди миллӣ ва дигар арзишҳои олӣ шудем.

Дар як муддати кӯтоҳи таърихӣ Тоҷикистон вориди тамаддуни башарӣ гардида, бо дастовардҳои соҳибгардидааш дар радифи мамлакатҳои дигар ба маҷрои пуртуғёни ҳаёт шомил шуд.

Интихоби роҳбари давлат ва сиёсати пешгирифтаи ӯ, ки бунёдашро «Ваҳдати миллӣ» ташкил медод, барои сохтани ҷомеаи соҳибистиқлол ва таъмини кафолатҳои он асоси мустаҳкам гузоштанд. Мардуми тоҷик дар симои роҳбари худ шахсияти муътабареро ёфтанд, ки ӯ метавонад роҳи ояндаро барояшон равшан намуда, беҳтарин хушбахтиҳои инсониро эҳдояшон созад.



Таносуби байни роҳбари давлат ва ормонҳои миллат дар камоли эътидол омад ва ин боҳамоӣ омили муҳимтарини зиндагии шарафманди онҳо гардид.

Дар давраҳои нахустини истиқлолият мушкилоти зиёд ҷомеаро домангир буд. Аммо боварӣ ба оянда ва умед ба зиндагии хуб дар дили ҳар як шаҳрванд маъво дошт ва дар ин ҷиҳат ҳама талош мекарданд. Мардуме, ки таҳаммули бори сангини 1000-соларо ба душ дошт, тавонист ба осонӣ аз бори душвории 10-солаҳо наҷот ёбад.

Пешбурди тамоми соҳаҳои ҳаёт аз нигоҳи роҳбари давлат дар канор намемонд. Мардумро ба ягонагӣ, муттаҳидӣ ва суботкорӣ даъват намуда итминон дошт, ки киштии муроди миллат ба соҳили наҷот мерасад. Дар он лаҳазоти барои давлату миллат ҳассос мушкилоти воқеӣ ба даст овардани сулҳу ваҳдати миллӣ дар байни гурӯҳҳои тафриқавӣ буд.

Президенти кишвар – Эмомалӣ Раҳмон бо фидокории беназири худ тамоми мардуми аз марзи Ватан берунро ба Ватан баргардонид ва онҳоро ба зиндагии муқаррарӣ ворид кард. Баъди ноил гардидан ба ҳадафи асосӣ «Сулҳу Ваҳдати миллӣ» роҳбари давлат мардумро ба бунёдкорӣ ва созандагӣ даъват намуд. Чун тамоми мардум ба Пешвои худ эътимод доштанд дар баробари ҳар як даъвати ӯ пойдорӣ намуда барои иҷрои вазифаҳои дар наздашон гузошта камари ҳиммат мебастанд.

Тоҷикистон бо Пешвои хирадманду соҳибфазилати худ дар таҳкими давлатдорӣ ва пешбурди сиёсати инсонгароёна қадамҳои устувор гузошта истодааст. Чор ҳадафи стратегии давлат: таъмини амнияти озуқаворӣ, раҳоӣ аз бунбасти коммуникатсионӣ, таъмини амнияти энергетикӣ ва саноатикунонии кишвар бо дастгирии бевоситаи роҳбари давлат дар сатҳи олӣ амалӣ гардидаанд ва акнун Тоҷикистон ба давлати муттарақие табдил ёфтааст, ки бо давлатҳои гуногун бевосита ё бавосита робитаҳои иқтисодӣ, тиҷоратӣ, фарҳангӣ ва сиёсӣ дорад. Ба истифода додани шоҳроҳи васлкунандаи Тоҷикистону Хитой барои кишвари мо дорои аҳамияти муҳими иқтисодию тиҷорӣ мебошад. Давлатҳои зиёде тавассути ин роҳ муомилоти тиҷории хешро тақвият мебахшанд.

Иқдомҳои Пешвои миллат дар сатҳи байналмилалӣ шоистаи таҳсин мебошанд. Проблемаи об ҳамчун омили ҳастии инсон маротибаҳои зиёд аз тарафи роҳбари давлати тоҷикон аз минбарҳои баланди Созмони Миллали Муттаҳид садо доданд. Пешниҳодҳои муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар масъалаи «Об – омили рушди устувор» аз тарафи аксар кишварҳои дунё ҳамовозии умумро ба амал овард. Ба шарофати ин пешниҳодҳо барномаҳои махсус таҳия шуда, дар асоси онҳо корҳои зиёде мавриди амал ва иҷро қарор гирифтанд.

Тоҷикистон барои баланд бардоштани сатҳи камбизоатии аҳолӣ барномаҳои зиёдро амалӣ намуда, аз номгӯи давлатҳои зери фақр қарордошта ба осонӣ баромад. Мардуми шарафи тоҷик дар марҳилаи муосир дорои тамоми имконот мебошанд, зеро онҳо аз самараҳои неки истиқлоли кишвар баҳравар мебошанд.

Меъморӣ ва шаҳрсозӣ бо суръати баланд ҷараён дорад. Теъдоди иншооти манзилӣ, фарҳангӣ, саноатӣ он қадар зиёд гардидаанд, ки назирашро таърих дар хотир надорад. Тамоми заминаҳо барои тиҷорату соҳибкорӣ ва дигар навъҳои фаъолият мавҷуданд.

Мардуми тоҷик бо қадамҳои устувор дар рушд ва таҳкими давлати худ иштирок намуда, ба ҷаҳониён муаррифӣ менамоянд, ки дар воқеъ мо таърих, фарҳанг, санъат ва тамаддуни чандинҳазорсола дорем ва метавонем бо хираду фазилати азалии хеш парчамбардорони асили гузаштагони хеш бошем.

*Самариддинова Зайнаб - дотсент, декани факултети физика ва математика,*
*Сироҷиддини Давлаталӣ - мудири кафедраи математика ва методикаи таълими он*

# ИСТИҚЛОЛИЯТ - НИШОНИ БАРҶАСТАИ ПОЙДОРИИ ДАВЛАТ

## *(Ба истиқболи 33-юмин солгарди Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон)*

Истиқлолияти давлатӣ ва ваҳдати миллӣ ду боли тавоное ҳастанд, ки Тоҷикистонро ба парвозҳои баланд ҳидоят менамоянд. Воқеан Истиқлол волотарин ва пурарзиштарин дастоварди давлату миллати тоҷдори тоҷик аст, ки 33-сол муқаддам муҳимтарин воқеаи таърихии сарнавишти миллати тоҷик ба вуҷуд омад. Ин рӯйдоди фараҳбахш 9 сентябри соли 1991 расман Рӯзи Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон эълон гардид. Аз ҳамон вақт то имрӯз ин санаи муборак барои миллати тоҷик ҷашни муқаддас маҳсуб мешавад. Ин неъмати бузург баробари ба даст овардан, нуру зиё, меҳру вафо, ободию озодӣ, ҳамфикрию ҳамзистӣ ва осоиштагиву абадиятро ба мардуми бузурги тоҷик ва Тоҷикистони азиз овардааст.

*“Истиқлолият барои мо нишони барҷастаи пойдории давлат, бақои симои миллат, рамзи асолату ҳувият, идеалу ормонҳои таърихӣ, шиносномаи байналмилалӣ ва шарафу эътибори ба ҷаҳони мутамаддин пайвастани кишвари соҳибистиқлоли Тоҷикистон мебошад. Дарки маънои сиёсии Истиқлолият мафҳуми хеле васеъ мебошад. Дар маънои умум, моҳияту мазмуни истиқлолият дар тамоми мубориза тулонии ин ё он халқу миллат барои ба даст овардани озодӣ, барқарор намудани адолати иҷтимоӣ, соҳиб гардидан ба худшиносӣ, ташаккули ҳиссиёти миллӣ, устувор гардонидани ваҳдат, таъмини амнияти мардум ва сулҳу осоиштагиро дар мамлакат ифода менамояд. Аз ин рӯ истиқлол нишони ҳувият, ифтихор, номус, рамзи саодат ва шарти бақои миллат мебошад. Истиқлоли давлатӣ ба он мусоидат намуд, ки дар ҳаёти сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоиву фарҳангии кишвар комёбиҳои беназир ба даст оварда шаванд. Дар баробари ин, истиқлол дар назди миллати тоҷик рисолати бузургеро гузошт, ки муҳимтарини онҳо ташкили аркони давлати соҳибихтиёри миллӣ, таҳкими сулҳу субот, таъмини амнияти давлат ва ҷомеа, оғози раванди созандагиву бунёдкориҳо ва расидан ба сатҳи зиндагии шоистаи мардум мебошад.*

Дар моддаи 1 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон мафҳуми «соҳибихтиёрӣ» истифода бурда шудааст ва маҳз соҳибихтиёрӣ ин пурра ифодагари истиқлолияти давлатист: «Ҷумҳурии Тоҷикистон давлати соҳибихтиёр, демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва ягона мебошад. Шакли идораи Ҷумҳурии Тоҷикистон президентӣ мебошад. Тоҷикистон давлати иҷтимоӣ буда, барои ҳар як инсон шароити зиндагии арзанда ва инкишофи озодонаро фароҳам меорад. Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Тоҷикистон ҳаммаъноянд». Ин интихоби мардуми Тоҷикистон буда, маҳз демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва ягона будани давлати мо нишонаи соҳибихтиёрӣ ва истиқлолияти мост.

Ҷумҳурии Тоҷикистон дар масири истиқлолият дар партави сиёсати хирадмандонаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва ташаббусҳои ҷаҳонии ин шахсияти барӯманд тавонист ҷойгоҳи шоистае ва таърихиеро дар ҷаҳони муосир ва арсаи байналмилалӣ барои худ касб намояд. Ҷомеаи ҷаҳонӣ эътироф менамояд, ки ташаббусҳои байналмилалии Сарвари давлати Тоҷикистон дар асри XXI барои аҳли башар ва таъмини ҳаёти арзандаи инсоният хидмат мекунанд. Чунончи, то кунун ташаббуси ҷониби Тоҷикистон, аз ҷумла соли 2003 - Соли байналмилалии «Оби тоза», солҳои 2005 - 2015 Даҳсолаи байналмилалии амал “Об барои ҳаёт”, соли 2013 - Соли байналмилалии ҳамкорӣ дар соҳаи об ва Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои рушди устувор, солҳои 2018 - 2028» аз ҷониби ҷомеаи ҷаҳонӣ истиқболи гарм пайдо намудааст.

Бо самараи неки истиқлол имрӯз Тоҷикистон дар дунё чун давлати сулҳхоҳу сулҳпарвар шинохта шудааст. Таҷрибаи сулҳи тоҷикон манбаи омӯзиши сулҳхоҳони ҷаҳон гашт, ки боиси ифтихори ҳар як қавми Тоҷикистон аст. Аз ин рӯ бузургтарин дастоварди мо дар даврони Истиқлолият, бешубҳа, барқарор кардани сулҳи комил ва ваҳдати миллӣ дар Тоҷикистон ба шумор меравад.

Мардуми шарифи Тоҷикистон хуб дарк мекунанд, ки истиқлолият ва озодӣ арзиши бисёр бебаҳо дар ҳаёти ҳар як шахси бонангу баори Ватан мебошад. Дар масири истиқлолият дастовардҳои бузург хеле зиёданд, вале муҳимаш он аст, ки дар харитаи сиёсии ҷаҳон пайдо шудани Тоҷикистон ҳамчун давлати соҳибистиқлол, ба узвияти комилҳуқуқи Созмони Миллали Муттаҳид пазируфта шудани он ва баромади нахустини Роҳбари давлати тоҷикон – Пешвои миллат аз минбари ин созмон аст. Бинобар ин, мо бояд ҳамеша аз истиқлолияти давлатӣ ва ваҳдати миллӣ, ки аз ҷумлаи муқаддасоти ормонии миллати тоҷик мебошанд, шукрона карда, онро чун арзиши бебаҳо ҳифз намоем.

Дастовардҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти сарварии сиёсати хирадмандонаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар рушду нумӯи кишвар беназиранд. Тавре мушоҳида менамоем дар замони истиқлолият бо ташаббуси Пешвои миллат ташкил намудани конференсия ва симпозиумҳо бахшида ба чорабиниҳои сатҳи байналмилалӣ, эҳёи фарҳанги миллӣ ва гиромидошти таърих ва фарҳанги миллат ва бузургдошти адибону донишмандони миллат чун Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, Абулқосим Фирдавсӣ, Ибни Сино, Носири Хусрав, Ҷалолиддини Румӣ, Камоли Хуҷандӣ, Мир Сайид Алӣ Ҳамадонӣ, Бобоҷон Ғафуров, Мирзо Турсунзода, Имоми Аъзам ва таҷлили Наврӯзи байналмилалӣ баргузор гардида, доир ба ҷашнвораҳо як қатор асарҳои илмӣ ва илмӣ-оммавӣ нашр гардиданд.

Ҳамин тавр соҳибихтиёрӣ, истиқлолталабӣ арзиши олӣ барои ҳамаи инсонҳо, халқҳо, миллату давлатҳо мебошад ва барои ба даст овардани ин мақом дар тули асрҳои гуногун мардуми миллатҳои гуногун миллионҳо нафар муборизаҳо бурдаанд, то ин ки истиқлолияти комили худро ба даст оваранд. Дар шароити кунунӣ таҳкими истиқлолият, устувор гардонидани пояҳои давлат ва баланд бардоштани сатҳ ва сифати зиндагии инсон барои на танҳо мардуми мо, балки тамоми инсоният мазмуни ҳаётан муҳим пайдо мекунад. Воқеаҳои пурошӯби охирҳои асри гузашта моро водор мекунад, ки оид ба масъалаи таъмини амнияти милливу давлатӣ, нигоҳ доштани оромии авзои ҷомеа, пойдории сулҳу субот ва ободу зебо гардонидани Ватани маҳбубамон, рӯ ба тараққӣ ниҳодани иқтисодиёт, саноатикунонии кишвар ва таҳкими истиқлолияту ҳифзи дастовардҳои он андеша кунем.

*Мазарифов Манучеҳр - дотсент, декани факултети таърих, ҳуқуқ ва муносибатҳои байналмилалӣ*
*Файзов Рамазон - доктори фалсафа (PhD) аз рӯйи ихтисоси сиёсатшиносӣ, муаллими калони кафедраи сиёсатшиносӣ*

*Ватан–ҷоне, ки дар ҷони ману туст,*
*Ватан–ноне, ки дар хони ману туст.* Камол Насрулло



# ДАРСИ СУЛҲИ ПЕШВО – ЗАМЗАМАИ МЕҲР ВА ОИНИ ДАВЛАТСОЗӢ

Ифтихор ва шарафи бузург аст, ки дар кишвари соҳибистиқлоламон ҳамасола 1-уми сентябр ҳамчун Рӯзи дониш ва Дарси сулҳ бо иштироки бевоситаи Пешвои муаззами миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо шукӯҳ ва шаҳомати хосса таҷлил мегардад. Зеро Рӯзи дониш дар ҷомеаи мо аҳаммияти бузурги маънавӣ дошта, оғози соли нави таҳсил ва рамзи саъйю кӯшиш дар роҳи донишандӯзӣ ҷиҳати таҳкими пояҳои давлату давлатдорӣ ва ободу зебо гардонидани мамлакати азизамон бо роҳи касби илму маърифат мебошад. Аз ин рӯ, ин рӯз ҳамчун санаи гиромидошти маърифату маънавиёт таҷлил мегардад, ки ин аз ғамхориву таваҷҷуҳи доимиву хоссаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба соҳаи илму маориф далолат мекунад.

Ин рӯз на танҳо рӯзи оғози соли нави хониш, балки рӯзи омӯзиши нақши сулҳ ва аҳамияти он барои ҳаёти инсонӣ низ мебошад. Омӯзгорон ҳамчун раҳнамои равшанфикрон, хонандагонро ба роҳи сулҳ ҳидоят мекунанд. Ба ин восита, Дарси сулҳ на танҳо як дарс, балки сабақи зиндагӣ мебошад, ки дар руҳияи ҳар як хонанда нақши муҳимми ахлоқи ҳамидаро бедор мекунад.

Ҳамагон шоҳиди он будем, ки Пешвои миллат Дарси сулҳро бо суханронии пурмуҳтаво оғоз намуда, дар зимн вазифагузориҳои мушаххасро барои рушд ва пешрафти соҳа дар шароити торафт печидаву мураккаб шудани вазъи ҷаҳони муосир, нақши сулҳу субот ва ваҳдату ягонагиро дар рушди давлатдории миллӣ муҳим арзёбӣ намуда, таваҷҷуҳи илму мактаб, оила ва ҷомеаро барои гиромидошти илму дониш ва маърифату худшиносии миллӣ ҷалб намуда, таъкид доштанд, ки “Мо бояд ба хотири фардои ободии давлат ва ҷомеа сидқан ба илму мaориф рӯ оварем”.

Воқеан, суханронии пурмуҳтаво ва вазифагузориҳои мушаххаси Пешвои маҳбуби миллат роҳнамо ва дастурест, ки ҳар як омӯзгор ва аҳли илму маорифи кишварро барои расидан ба ҳадафу мақсадҳои созанда роҳнамун месозад. Дастур ва роҳнамоест, ки ҳар як омӯзгор ҷиҳати муваффақшавӣ дар роҳи иҷрои касби пурмасъулият ва уҳдадориҳои вазифавӣ ба таври васеъ истифода намояд.

Ҳамзамон, муҳтарам Пешвои миллат иброз намуданд, ки: “Дар таълиму тарбия фарзанд натанҳо омӯзгорон, балки падару модар низ вазифадор мебошад, набояд таълиму тарбияи фарзандро танҳо ба зимаи омӯзгор вогузор намуд”. Дар ин масъала ба падару модарон рӯ оварда таъкид доштанд, ки “Фарзандон назди мо амонатанд, онҳоояндаи мову шумо ва соҳибони фардои давлату миллат мебошанд, аз ин рӯ фарзандонро аз илму маориф дур насозед”. Ин ҳидоятҳои падаронаи Пешвои муаззами миллат бароиояндаи дурахшони наврасону ҷавонон аҳаммияти бузург дорад.




Маҳбубияти аҳли ҷомеаи Тоҷикистон ва аҳли илму маорифу фарҳанг дар хусуси қадру қиммат ва манзалати омӯзгор дар паёмҳои пайвастаи Роҳбари муаззами миллат, билхоса суханрониашон ба муносибати Рӯзи дониш боз ҳам зиёдтар мегардад. Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба аҳли илму маориф таваҷҷуҳи пайваста ва эҳтироми хос зоҳир намуда, иброз доштанд, ки “Ҷомеа бояд дарк намояд, ки эҳтиром ба омӯзгор ин эҳтиром ба миллат аст”.

Дар масъалаи сифати таълиму тарбия низ суханони Президенти маҳбуби кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аҳамияти калонро доро мебошад, чунки омода намудани кадрҳои баландихтисос ва тарбияи ҷавонони соҳибмаърифату ватандӯст ва сатҳу сифати таълиму тарбия аз муассисаҳои таълимӣ вобастагии зиёд доранд.

Пешвои миллат ҳамасола дар Рӯзи дониш ва Дарси сулҳ атрофи беҳтар намудани сифати таълиму тарбияи ҷавонон пешниҳоду вазифаҳои мушаххас ба миён мегузоранд. Ҳамзамон, ҷиҳати баланд бардоштани мақоми омӯзгор дар ҷомеа Пешвои муаззами миллат иброз намуданд: “Мо вазифадор ҳастем, ки омӯзгорон ва дигар кормандони муассисаҳои таълимиро боз ҳам бештар дастгирӣ кунем ва манзалату обрӯи онҳоро дар ҷомеа баланд бардорем”. Дар ин робита Президенти мамлакат ба сохторҳои дахлдор супориш доданд, ки дар давоми шаш моҳ Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи мақоми омӯзгор” таҳия ва ба Ҳукмати мамлакат пешниҳод карда шавад. Ин иқдоми шоистаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон баҳри боло бурдани мақому манзалати омӯзгор ва дар руҳияи инсондӯстӣ тарбия намудани муҳассилин шоистаи таҳсину офарин мебошад.

Бад-ин васила метавон чунин хулоса намуд, ки рушди соҳаи маориф дар меҳвари сиёсати иҷтимоии давлат қарор дошта, аз рӯзҳои аввали ба даст овардани Истиқлоли давлатӣ ба он афзалият дода мешавад. Чунинчи дар солҳои Истиқлолияти давлатӣ дар қаламрави кишвар аз ҳисоби ҳамаи сарчашмаҳои маблағгузорӣ 3700 бинои муассисаҳои таълимӣ барои беш аз якуним миллион хонанда сохта мавриди истифода қарор дода шуда, ин раванд бомаром ҷараён дорад.

Воқеан ҳам, баргузории Дарси сулҳ дар Рӯзи дониш аз ҳар ҷиҳат ба мафкураи наврасону ҷавонони мо таъсири мусбат расонида, онҳоро дар рӯҳияи гиромидошт ва омӯзиши илму дониш ва фарҳангу маърифат, худшиносиву худогоҳии миллӣ, ватандӯстиву ватанпарварӣ ва ифтихори ватандорӣ тарбияву раҳнамоӣ менамояд. Маҳз ин омил, ба ташаккули зеҳнияти насли наврасу ҷавон мусоидат менамояд.

Зикр кардан ба маврид аст, ки иқдоми наҷиб ва шоистаи таҳсини Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, аз қабили роҳандозии озмунҳои ҷумҳуриявӣ, ба монанди «Илм – фурӯғи маърифат», «Тоҷикистон – Ватани азизи ман», «Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст» ба хотири боз ҳам тақвият бахшидани ҳувияти миллӣ, ҳисси ифтихор аз таъриху тамаддуни бостонӣ ва дар ин замина баланд бардоштани сатҳи саводнокиву маърифатнокии ҷавонон равона гардидааст. Дар ин радиф бо дастури Пешвои миллат “ба хотири худшиносиву худогоҳии миллӣ, ватандӯстиву ватанпарварӣ ва ифтихори ватандорӣ, тарбияву раҳнамоии насли наврас, озмуни «Шоҳномахонӣ» ба роҳ монда мешавад. Ин тадбир аз зумраи тадбирҳои хирадмандонаву маърифатпарваронаи Президенти хирадрою адабпарвари кишвари маҳбубамон мебошад.

Дар баробари дигар супоришу роҳнамоиҳояшон Президенти кишвар бори дигар ба масъалаи забономӯзии ҷавонон аҳамияти хосса дода, омӯзиши забонҳои хориҷиро бисёр муҳим ва зарурӣ шумориданд. Дар ҳамин асос супориш доданд, ки барои боз ҳам ҷалби бештари ҷавонон ба омӯзиши забонҳои хориҷӣ аз ҷумла русӣ, англисӣ ва дигар забонҳо шабакаи телевизиони омӯзишии забонҳои хориҷӣ таъсис дода шавад.

Ҳамин тариқ, дар таҷлили Рӯзи дониш ва Дарси сулҳ бори дигар исбот гардид, ки Раҳбари муаззами миллат, Пешвои азизи мо муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳамеша дастгир ва сарпарасти бевоситаи соҳаи илму маориф, насли имрӯз ваояндаи Тоҷикистон дар роҳи касби илму дониш, забономӯзӣ, дӯст доштани Ватану миллат, ифтихор аз расму оинҳои миллӣ, ҳувияти миллӣ, арҷгузорӣ ба гузаштагони пурифтихори мо, таълиму тарбия мебошанд ва барои мо ва кулли ҷомеи кишвар ҳамчун роҳнамои беғараз роҳбари некбину хушназар, оқилу маърифатафзо намунаи ибрат мебошанд.

***Алишери Абдулмаҷид - номзади илмҳои филологӣ, мудири кафедраи журналистика***

## Шеъри рӯз



**Давлат Сафар**

## ИСТИҚЛОЛИЯТ

*Чист Истиқлолият?*
*Сарбаландиву сарафрозӣ ба ҷон,*
*Қадри худ бишнохтан то ҷовидон.*
*Қасри бунёди саодатмандӣ аст,*
*Нахли ширинмеваи пайвандӣ аст.*

*Чист Истиқлолият?*
*Дар Бадахшони сухан лаъли Яман,*
*Зар шумурдан зарраи хоки Ватан,*
*Ишқро омехтан бо ҷону тан,*
*Аз қафас парвоз бар сӯи чаман.*

*Чист Истиқлолият?*
*Дар сари минбар сари нанг асту ном,*
*Гул шамидан аз гулистони мақом.*
*Бошад аз аҷдоди Сомонӣ паём,*
*Ки ҳамин донед умри бардавом.*

*Чист Истиқлолият?*
*Қуллаи уммедҳоро сохтан,*
*Парчами фахру фараҳ афрохтан,*
*Най ба тамъи найшакар бинвохтан,*
*Деви навмедӣ ба чаҳ андохтан.*

*Чист Истиқлолият?*
*Пайки бахту муждаи озодӣ аст,*
*Дар Ватан сарманшаи ободӣ аст.*
*Маҳви чуғзи ғам зи тири шодӣ аст,*
*Ишқи Ширину дили Фарҳодӣ аст.*

*Чист Истиқлолият?*
*Дидаву дилро зиё бахшидан аст,*
*Бар ятиме муттако бахшидан аст,*
*Бенавоеро наво бахшидан аст,*
*Интиҳоро ибтидо бахшидан аст.*

*Чист Истиқлолият?*
*Раҳ кушудан дар дили кӯҳи Ватан,*
*Роҳ паймудан ба сӯи анҷуман.*
*Боғи уммедест дар дашту даман,*
*Тоби хуршедест андар ҷону тан.*

*Чист Истиқлолият?*
*Бар ватангумкардагон огоҳӣ аст,*
*Шаҳсутуни бахту тахти шоҳӣ аст.*
*Ибрате аз меҳри обу моҳӣ аст,*
*Дар ватандорӣ муҳаббатхоҳӣ аст.*

*Чист Истиқлолият?*
*Мояи эҳсосу дарки ифтихор,*
*Дар дили фасли хазон пайки баҳор,*
*Иттиҳодеро намудан устувор*
*Бошад ин армони қавми тоҷдор.*

*Чист Истиқлолият?*
*Муҳри маҳтоб аст аз сандуқи шаб,*
*Номаи меҳрест аз асли насаб,*
*Ояти шукрона пиндораш ба лаб,*
*Ваҳдати моро ҳамин бошад сабаб.*

*Муҳимтарин асли ҳаи тарбия бояд муҳаббат бошад.*
*В.Г. Белинский*

Анвори дониш
№6 (351), ЧОРШАНБЕ, 18.09.2024

# БУЗУРГОНРО БУЗУРГОН ЗИНДА МЕДОРАНД

*(Соҳиб Табаров дар шинохти профессор Аламхон Кӯчарзода)*

**Агар касби муаллимиро интихоб карда бошед, аз сидқи дил ба шогирдон таълиму тарбия диҳед. Агар олими ҳақиқӣ шуданӣ бошед, маҳсул диҳед, эҷод кунед, кашфу ихтироъ кунед, кору осори устодонатонро инкишоф диҳед, дузди илмӣ нашавед, ба адолати илмӣ роҳ диҳед, аз худатон беҳтар шогирдон омода созед, мактабу семинари илмӣ дошта бошед, ҳеҷ гоҳ ба рашку ҳасад роҳ надиҳед...**

**(С. Табаров, "Таассуроти ақлу дил").**

Омӯзиши рӯзгор ва осори шахсиятҳои илмию фарҳангӣ, ки ҳастии худро барои пешравии ҷомеа сарф кардаанд, аҳаммияти бузурги таълимӣ ва илмию маърифатӣ дорад. Адабиётшинос ва мунаққиди номдори тоҷик Соҳиб Табаров (1924-2015) аз ҷумлаи чунин шахсиятҳои фарҳехтаю ҷонфидои роҳи илму маърифат буда, бо эҷоди асарҳои арзишманд дар адабиётшиносии тоҷик ҷойгоҳи хосаро касб кардааст.

Фаъолияти эҷодии устод Соҳиб Табаров гуногунҷабҳа буда, асосан се самт – омӯзгорӣ, илмӣ ва мунаққидиро фаро гирифтаст: "Ҳамаи буду бошам, – қайд кардааст С. Табаров, – махсусан касби муаллимӣ (1937) ва касбҳои иловагии илмӣ (1949) ва мунаққидиамро (1947) то охири умрам дӯст доштам ва бо шарофати ҳамаи онҳо ҳар кадомеаш заррае ҳам бошад, ба одамони миллатам то ба имрӯз таълиме додам".

Агар саҳифаҳои рӯзгори ин адабиётшинос ва мунаққиди барҷаста бодиққат варақгардон карда шавад, бараъло равшан мегардад, ки умри бобаракат ва ҳастии худро сарфи касбу пешаи интихобкарда ва пешравии Ватани азизаш кардааст.

Устод Соҳиб Табаров дар давоми фаъолияти илмӣ шогирдони зиёде тарбия ва ба камол расонидааст, ки давомдиҳандаи кору пайкори устоди хеш гаштаанд. Узви вобастаи АМИТ, профессор Аламхон Кӯчарзода, ки дар ҷомеаи илмии мо, пеш аз ҳама, чун матншиноси соҳибмактаб шинохта мешавад, шогирд ва тарбиятдидаи Соҳиб Табаров мебошад. А. Кӯчарзода ҳанӯз аз айёми донишҷӯӣ бо истеъдод ва маҳорати баланди илмию эҷодӣ ва ахлоқи волои инсонӣ таваҷҷӯҳи устодони суханро ба худ ҷалб намуда буд. Баъдҳо бо ғамхории падарона ва ҳидояти С. Табаров роҳи ояндаи ӯ дар ҷодаи илм равшан мегардад. Аз ҷумла, соли 1978 бо роҳнамоии ин олими серталаби дақиқнигор дар мавзуи "Тадқиқи текстологии "Одина"-и Садриддин Айнӣ" рисолаи номзадӣ дифоъ намуда, то вопасин лаҳзаҳои умри С. Табаров рисолати шогирдиашро сарбаландона ба ҷо овардааст, ки инро мо аз қайдҳои худи С. Табаров мушоҳида мекунем.

Басо ҷолиб аст, ки Соҳиб Табаров дар аксари маврид аз Аламхон Кӯчарзода бо унвонҳои "шогирди ғамхорам", "Кӯчаров Аламхони меҳрубон", "ғамхори давраи пириамон ва мададгорам" ном бурдааст, ки ба андешаи мо, намунаи олии муносибат ва эҳтироми устоду шогирд маҳсуб меёбад. Устод С. Табаров дар яке аз мусоҳибаҳояш дар хусуси мактаби илмии худ сухан ронда, чунин қайд кардааст: "Солҳои сол дар дорулфунун курси матншиносиро дар гурӯҳи адабиёти Шуравӣ мехондам, қайд кардааст, – С. Табаров. – Яке аз масъалаҳои омӯзишу тадқиқаш муҳим масъалаи матншиносии адабиёти муосир буд ва ҳозир ман хурсандам, ки яке аз мутахассисони ҳамин соҳа, шогирди камина доктори илми филология Аламхон Кӯчаров шуд".

Аламхон Кӯчарзода низ дар навбати худ бо арзи эҳтиром якчанд мақолаҳои илмию оммавӣ оид ба С. Табаров рӯйи чоп овардааст. Ва ба истиқболи 90-солагии адабиётшинос соли 2014 китобе бо номи "Муҳаққиқи соҳибмактаб" таълиф намуд. Китоби мазкур пурра ба ҳаёт ва фаъолияти С. Табаров бахшида шуда, баррасӣ ва хулосабориҳои муаллиф басо ҷолиб ва барои хонандагон шавқовару ибратомӯз мебошад.

Соли 2024 дар асоси Амри Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз 12 декабри соли 2023, № АП-470 дар кишвар 100-солагии адабиётшиноси маъруфи тоҷик, мунаққид, узви вобастаи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон Соҳиб Табаров ҷашн гирифта мешавад. Бинобар ин, муассисаҳои илмию фарҳангӣ ва дигар сохторҳои марбута тадбирҳои зарурииро роҳандозӣ намуда истодаанд.

Дар пешорӯи ин чорабинии сатҳи баланд, нашр гардидани китоби узви вобастаи АМИТ, профессор Аламхон Кӯчарзода бо унвони "Абармарди роҳи омӯзишу пажӯҳиш", ки хонандаро ба ҷаҳони илму дониш ва баёни лаҳзаҳои муҳимми рӯзгору осори Соҳиб Табаров шинос менамояд, басо зарурӣ ва аҳамиятнок мебошад.





Китоби "Абармарди роҳи омӯзишу пажӯҳиш" аз қисмати санадҳои асосии ҳаёт ва фаъолияти Ш.С. Табаров, сарсухан, се боб ва ҳафдаҳ фасл иборат буда, дар охир андешаҳои инсондӯстию маърифатпарварӣ ва таҳаммулпазирию инсонгароии С. Табаров замима карда шудааст, ки бояд онҳоро ҳар як нафар, махсусан ҷавононе дар саргаҳи илм қарордошта заковатмандона мутолиа намоянд, балки онҳоро сармашқи кори худ созад. Инчунин, қисмати "Тасвирҳо ҳикоят мекунад" басо ҷолибу диданӣ мебошад.

Боби якуми китоб "Зиндагии бошарафу ибратомӯз" ном дошта, рӯзгори пурмашаққати С. Табаров, ки ҳамсоли пойтахти кишвари азизамон мебошад, баён шуда, қадру манзалати Ватан ва эҳтиром ба он аз назари С. Табаров, нақши устод дар тарбияи шогирдон ва баёни эҳтирому миннатдории С. Табаров нисбат ба устодоне, ки ӯро тарбият намудаву дар лаҳзаҳои душвори зиндагӣ кумак кардаанд, мавриди таҳлилу баррасӣ қарор дода шудааст.

Профессор А. Кӯчарзода зиндагии С. Табаровро дар асоси далелу ҳуҷҷатҳо ва дигар сарчашмаҳои илмӣ таҳлил намуда, таҳсил дар хонаи бачагон, меҳрубониҳои бародараш, ранҷи бекасию ятимӣ, идомаи таҳсил дар омӯзишгоҳҳои Самарқанд, Панҷакент, Кӯлоб ва донишкадаи омӯзгории шаҳри Душанбе, фаъолияти меҳнатӣ ва вазъи оилавии мунаққидро бо мисолҳои зиёд, махсусан аз дафтарҳои "Таассуроти ақлу дил" баён намудааст.

Вокеан, устод С. Табаров бо зиндагии пурасрор ва асарҳои мондагор ҳамчун шахси адабпарвару фарҳангдӯст намунаи ибрат мебошад. Ба таъкиди А. Кӯчарзода "Устод Табаров аз шахсиятҳои бузург ва хушбахти ҷумҳурии азизамон буд, ки бо қувваи ақлу фаросат, иродаи қавӣ ва илму дониши фарогир зиндагии огоҳонаву ибратбахше аз сар гузаронид".

Эҳтиром ба Ватан ва қадр кардани он барои ҳар як шахс ҳам фарз асту ҳам қарз. «Росташро гӯям, – қайд кардааст М. Миршакар, – барои ман ибтидои Ватани бузургам аз он деҳаи хурде сар мешавад, ки дар он ҷо нахустин бор чашм ба дунё кушода, гап задан, роҳ гаштан, ба кӯча баромада бо ҳамсолонам бозӣ кардан, хубро аз бад фарқ кардан, бо ғаму шодии дӯстонам шарик будан, дӯст доштан ва бад диданро ёд гирифта будам».

С. Табаров низ эҳтиром ва дӯст доштани зодгоҳашро оғози дилбохтагиҳо ба Ватани азизаш медонад, ҳатто гарди хоки онро сурмаи чашм намудааст (ниг. ба фасли "Хоки Ватан аз тахти Сулаймон хуштар"). Аз баррасиҳои муаллиф бармеояд, зиндагии С. Табаров сермаҳсул буда, ӯ худро сарсупурдаи роҳи илму маърифат ва Ватани хеш медонад: "Ҳар як тоҷик, – қайд кардааст С. Табаров, – вазифадор аст, ки ифтихори миллию ватанхоҳӣ дошта бошад. Касе, ки ба як ҷузъи одитарини ин Ватан хиёнат мекунад, тоҷик нест ва рафта-рафта обу дону хоки ин Ватан ӯро кӯр хоҳад кард".

Фаслҳое, ки ба устодони бузурги илму адаб бахшида шудааст, дар баробари ҷанбаи илмӣ доштан, руҳи тарбиявию ичтимоиро касб кардаанд. Соҳиб Табаров заҳмату талошҳои устодони худро қадр карда, аз онҳо ба некӣ ном бурдааст. Аз ҷумла, Лутфулло Бузургзода барои С. Табаров намунаи олии омӯзгори асил мебошад. Фаъолиятмандӣ, мушкилписандӣ ва ҷонфидоии вай, ки ҳатто рӯзҳои таътил ҳам ёрмандиҳои худро аз донишҷӯён дареғ намедошт, аз ҷониби С. Табаров баҳои баланд дода шудааст. Мунаққид худро давомдиҳандаи роҳи устоди худ, ки бо оғоз гардидани ҶБВ ба ҳимояи Ватан рафта, мутаассифона, дигар барнагашт, шуморида, "назди ин марди бузург як умр сари таъзим фуруд оварданро вазифаи муқаддаси худ" шуморидааст.

А. Кӯчарзода бо мисолҳои мушаххас аз муносибат ва эътиқоду ихлосмандии шогирду устод сухан ронда, ба чунин натиҷа расидааст, ки: "эҳтирому ихлос ва садоқату самимияти ӯ ба Лутфулло Бузургзода, ки дар поягоҳи олии муносибатҳои инсонӣ ва гуманизми комил қарор гирифта буд, намунаи ибрат ва муҷиби омӯзиши ҷомеаи имрӯза мебошад".

Баррасии андешаҳои С. Табаров роҷеъ ба се устоди бузургаш – Садриддин Айнӣ, Евгений Эдуардович Бертелс ва Абдулғанӣ Мирзоев бахши дигари боби аввалро ташкил додааст. Маҳз роҳнамоиву дастгириҳои чунин устодони бузург буд, ки С. Табаров ба дараҷаи баланди инсонию маърифатпарварӣ расид.

А. Кӯчарзода сар карда аз аввалин шиносоии С. Табаров бо С. Айнӣ дар омӯзишгоҳи Самарқанд, ҷуръатнокии вай дар баёни фикр, махсусан барои аспиранти ҷавон навиштани мақолаи ҷавобӣ бо номи "Чанд сухан дар бораи як тақриз" ва пуштибонӣ аз устод Айнӣ то ҷӣ гуна ба устод Айнӣ мактуб навиштани С. Табаров ва баромад дар маҷлиси мунаққидони адабии Тоҷикистон дар Иттифоқи нависандагони Тоҷикистонро (1952) хеле возеҳу равшан таҳлилу баррасӣ намудааст. Чунин баррасиҳои муаллиф оид ба фаъолияти ду сарсупурдаи роҳи илму адабиёт басо ҷолиб ва ҷанбаи омӯзишию тарбиявӣ касб кардааст.

Аз ин ҷиҳат, баромади танқидӣ роҷеъ ба "Чор дарвеш", ки дар таҳияи Ҷалол Икромӣ бо сарсухани устод Айнӣ нашр гардида буд, барои С. Табаров дарси чиддие шуд. Ба таъкиди А. Кӯчарзода, устод Айнӣ дар музокира усули танқиди беибоёнаи С. Табаровро номувофиқ шуморида, қайд мекунад, ки: "Танқид бояд рафиқона, пандомез ва боадабона бошад. Танқиди тундмиҷозона на ба хонанда, на ба муаллиф ёрии калон расонида метавонад...".

Устод Айнӣ, инчунин дар ин маҷлис барои тасдиқи фикр ҳикояи шахсеро, ки бо шоҳ беэҳтиёт ва бемаврид сухан ронда, ба ҷазо гирифтор мешавад, баён дошта, барои олими ҷавон дарси ибрат мегардад. Ҷӣ тавре муаллиф ишора кардааст, С. Табаров минбаъд кӯшиш намудааст, ки расонидани ёрии маънавию идеявиро вазифаи ҷонии худ қарор диҳад. А. Кӯчарзода таъсири суханрониҳои бевоситаи С. Айнӣ ва, махсусан асарҳои ӯро дар ҳаёти С. Табаров баррасӣ намуда, баён медорад, ки "устод Садриддин Айнӣ нахустин шахсиятест, ки бо чеҳраи нурбори фарҳангӣ, кору фаъолияти эҷодӣ ва чаҳони андешаҳои инсонпарварона қалбу руҳи Соҳиб Табаровро ҳанӯз аз синни 10-солагӣ (таҳсил дар омӯзишгоҳи Самарқанд, 1934 – Ш.Ҷ.) мунаввар намуд ва барои шогирди содиқ чун намунаи ибрат ва манбаи боэътимоди омӯзишу пажӯҳиш қарор гирифт".

Барои С. Табаров баъд аз устод Айнӣ хизматҳои устодон – узви вобастаи АИ Иттиҳоди Шуравӣ Е.Э. Бертелс ва академик Абдулғанӣ Мирзоев басо арзишманд буда, ин ду адабиётшинос дар роҳи ноҳамвори илм ба вай роҳ кушодаанд. Устод Аламхон Кӯчарзода тавассути нигоштаҳои худи С. Табаров дар бораи ёрмандиҳои ин устодон сухан ронда, саҳми онҳоро дар тарбияи олим ва мунаққид хеле баланд арзёбӣ кардааст.

Евгений Эдуардович Бертелс тавассути миёнаравиҳои А. Мирзоев роҳбари илмии С. Табаров таъйин шуда, вай соли 1949 дар мавзуи "Ғуломон"-и Садриддин Айнӣ ҳамчун романи таърихӣ" дар Институти шарқшиносии Академияи илмҳои СССР дар Ленинград рисолаи номзадӣ дифоъ намуд.

Нисбат ба дигарон, саҳми Абдулғанӣ Мирзоев дар тарбияти С. Табаров бештар арзёбӣ мегардад. Ҳарчанд роҳбари илмии С. Табаров Е.Э. Бертелс дониста мешуд, аммо машваратчӣ ва кумакрасони доимии вай А. Мирзоев буд. Хислатҳои ҳамидаи инсонӣ, дақиқкорию серталабӣ, бар замми ин бомаърифат ва маданӣ будани ин адабиётшинос ба С. Табарови ҷавон таъсири ҳамаҷониба расонид. "Устод Табаров, – қайд мекунад А. Кӯчарзода, – то охири умр устоди роҳнамои хеш – академик Абдулғанӣ Мирзоевро ба некӣ ва арзи сипоси шогирдона ёдовар мешавад ва тамоми комёбиҳои худро дар соҳаи илми адабиётшиносӣ маҳз аз шарофати дастгириҳои падаронаи ин шахсияти муътабар медонад".

Устод А. Кӯчарзода заҳмату талошҳои С. Табаровро дар ҷодаи илм муфассал баррасӣ намуда, ду маротиба барои соҳиб шудан ба дараҷаи доктори илми филология пешниҳод гардидани рисолаи илмӣ ва бо дахолати нотавонбинон ноком гардидани вайро баён намудааст. Мутолиаи ин қисмати китоби "Абармарди роҳи омӯзишу пажӯҳиш" – сухан аз устодон, ба хонанда таъсири амиқи омӯзишию маърифатӣ мебахшад.

Боби дуюми китоб "Самараи умри гаронмоя" унвон дошта, дар он фаъолияти омӯзгорӣ, мактаби адабиётшиносии С. Табаров, саромадони адабиёти классики тоҷик Рӯдакию Камоли Хуҷандӣ дар шинохти С. Табаров, фаъолияти матншиносӣ ва дигар паҳлуҳои мактаби адабиётшиносии ин олими пуркор мавриди таҳлилу баррасӣ қарор дода шудааст....

*(Давом дорад)*

***Шамшоди Ҷамшед-дотсент, мудири кафедраи адабиёти тоҷик***

# МАҲБУБИ ҲАМАГОН ВА ГАВҲАРИ ИЛМИ КИМИЁИ ТОҶИК

Дар риштаҳои мухталифи илм шуруъ аз фалсафа то ба ҳандаса, риёзиёт, таъриху ҷуғрофиё, тиббу кимиё, физикаву нуҷум, шеъру адаб, суханварию балоғат ва ғайраҳо нобиғаҳои ҷаҳонӣ ба арсаи ҳаёт омадаанд. Шумораи бузургоне, ки зикрашон дар китобҳои таърихи рафтааст, хело зиёданд. Ин донишмандон дар ҷомеаи худ нуфуз пайдо намуда, барои беҳдошти мардумон саҳми босазои худро гузоштанд.

Донишмандон ду гуна шуҳрати ҷаҳонӣ пайдо мекунанд, ҳам дар замони зиндагӣ ва ҳам баъд аз марг. Номи олимон аз саҳифаҳои зиндагӣ ҳеҷ гоҳ зудуда нахоҳад шуд. Ин шуҳратёбӣ дар ду сурат ҳам тавассути таълифоту таснифот ва ё эчодиёту аъмолашон сурат мегирад. Ҷомеа ҳар замон шахсиятҳоеро тарбия карда ба камол мерасонад, ки ҳама нерӯ ва тамоми ҳастияшро ба касби машғулбудаашон мебахшанд ва дар байни халқ обрӯманд мегарданд. Ҳамчунин муҳаббати худро ба касби хеш нисор сохта, дар адои вазифа ва барои пок нигоҳ доштани сармояи умр бевосита кӯшиш ба харҷ медиҳанд.

Аз роҳи истифода карда тавонистани «забон»-и риёзиёт, ҳандаса, кимиё бузургнамон ба эҳёи ҳаматарафаи илмҳои табиатшиносӣ даст ёфтанд. Ҳанӯз дар асрҳои тираву торики ҷаҳолати асримиёнагӣ онҳо тавонистанд мавҷудияти сайёраҳои мухталиф, дар асоси қонуни ҷозиба таҷвият ёфтани ҳамзистии онҳо, фосилаи ҷойгиршавиашон аз сайёраи замин ва садҳо муаммоҳои сарбастаи табиат, ки он замон барои инсоният асрори ачаро мемонданд, бозкушой намуданд. Таърих гувоҳ аст, ки онҳо кашфиёти ақли тасхиркунондаро пешкаши оламиён гардониданд. Ғайбдониҳо ва аз ғайб сухан гуфтани Хоҷа Ҳофизи Шерозӣ, Умари Хайём, Абуабдуллоҳ Муҳаммад ибни Мусои Хоразмӣ, Абуҷаъфар Аҳмад ибни Абдуллоҳи Марвазӣ, Абулаббос Аҳмад ибни Муҳаммади Фарғонӣ, Абумаҳмуд Ҳамид ибни Хизри Хуҷандӣ, Абу Наср Муҳаммад ибни Муҳаммади Фороби, Абуали Ҳусайн ибни Абдуллоҳ ибни Алӣ ибни Синои Бухорой, Абурайҳон Муҳаммад ибни Аҳмад Беруниӣ Хоразмӣ, Ашрафи Самарқандӣ ва садҳо нафари дигар дар сафҳаҳои таърихи тамаддуни башар бо хатти тиллои сабт гардидааст.

Ба ақидаи адабиётшинос ва файласуфи фаронсавӣ Клод Адриан Гелветский «Касеро, ки дар ҳақиқат ба ситоишу тавсиф меафзоянд, васф кардан хело душвор аст». Осори илмии олимони тоҷику форс ганҷинаи таърихи башариятро сарватҳои бузург афзудааст. Ҳақ ба ҷониби мутафаккири англис Орберри мебошад, ки фармудааст: «Таҳқиқотҳои донишмандони имрӯза рафта-рафта собит мекунад, ки решаи аслии бисёре аз улуми табиатшиносӣ, дар ҳақиқат, аз илму фарҳанги тоҷику форсизабонон об мехӯрдааст».

Нуктаи ҷолиб ва донистанӣ дар робита ба рушд ва сайқал ёфтани илми кимиё дар давлатдории гузаштагони мо ин аст, ки дар давлати Сомониён илми химия дар чор шуъбаи алоҳида, ки решаи ягона доштанд, омӯхта мешуд:

1. Римиё – илм андар усули ҳосил кардани малҳамҳо ва доруҳо. Феълан ин шуъбаро ба химияи фармасевтӣ ё фармакология ном мавсум карданд.

2. Симиё – илм андар шинохти маъданҳо ва коркарди онҳо. Симиё дар раванди тараққиёти худ ба металлургияи сиёҳ ва ранга асос гузошт.

3. Химиё аз калимаи химма (хамом, нонвой, зарфе, ки дар он хамирро омода мекунанд) ин ба химияи маҳсулоти қаннодӣ, хурокворӣ асос гузошт.

4. Кимиё – илм андар хосияти моддаҳо ва ба якдигар табдил ёфтани онҳо ба химияи ғайриорганикӣ ва органикӣ асос гузошт.

Дар рушду нумуи ҷомеи инсонӣ илмҳои мухталиф нақши бузургро иҷро карданд, вале ягон илм ба монанди илми кимиё барои инсоният хизмати босазое накардааст. Дар ҳақиқат, ҷаҳони имрӯзаро бе илми химия тасаввур кардан мумкин нест. Сахми илми кимиё дар баланд бардоштани ҳаёти инсоният басо зарур ва манфиатовар мебошад. Маҳсулоти химиявӣ дар ҳама ҷой вомехӯранд. Агар дар солҳои 70-уми асри гузашта ҳар як инсон дар ҳаёти ҳаррӯзаи худ аз 300 то 500 маҳсулоти химиявиро истифода мебурд, ҳоло бошад то 800 маҳсулоти химиявиро истифода мебарад.

Бо суханони яке аз олимони машҳури англис, барандаи ҷоизаи Нобел (соли 1962) Макс Фердинанд Перутс, ки гуфта буд: «Рӯҳонӣ даъват менамоям, ки одамон ба қисмати худ итоаткорона тан диҳанд, сиёсатмадор онҳоро бовар мекунанд, ки муқобили ин қисмат шӯриш ангезанд, вале танҳо олим барои усули раҳоии одамон аз қисмати вазнин фикр мекунанд. Ёдрас менамоем, ки олимони соҳаи кимиё барои инсоният корҳои азимеро басомон хоҳанд расонид ва заррае ҳам шубҳа нест, ки ояндаи ҷомеъаи инсонӣ-олами кимиё аст».



Дар доираи илмии кишвар устодон ва нобиғагони зиёде ҳастанд, ки дар рушди илми кимиёи ватанӣ саҳм гузошта бошанд. Дар ин миён ҷойгоҳи профессор, доктори илмҳои кимиё, академики АМИТ Мирсаидов Улмас Мирсаидович шоёни таҳсин асту омӯзиши корномааш боиси ифтихор. Мирсаидов Улмас Мирсаидович 10 ноябри соли 1945 дар шаҳри бостонии тоҷикон - Истаравшани овозадор чашм ба дунёи ҳастӣ кушодааст. Баъди хатми мактаби миёнаи таҳсилоти умумии №7 ҳуҷҷатҳои худро соли 1962 ба Институти политехникии шаҳри Душанбе супорида, аз имтиҳони қабул бо баҳои аъло ба сафи донишҷӯёни ин боргоҳи илму маърифат шомил мешавад. Баъд дар солҳои 1965 то 1967 таҳсилро дар яке аз пажуҳишгоҳҳои муътабари Иттиҳоди Шӯравӣ, дар шаҳри Москва-Донишкадаи кимиёвӣ-технологии ба номи Д.И. Менделеев идома медиҳад. Соли 1967 донишкадаи мазкурро бо баҳои аъло хатм менамояд. Баъди хатми донишкада соли 1968 ба ҳайси ассистенти кафедраи технологияи химиявии институти политехникии шаҳри Душанбе кору фаъолият намудааст. Солҳои 1970-1973 аспиранти Институти химияи академияи фанҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҳамзамон аспиранти институти химияи ғайриорганикии ба номи Н.С. Курнакова академияи илмҳои Иттиҳоди Шуравӣ кору фаъолият намудааст. Соли 1973 аз рӯи мавзуи махсуси самти илми кимиёи гидридҳо рисолаи номзадиашро дифоъ намуд. Ӯро барои фаъолияти меҳнатии хуб доштанаш соли 1978 ба ҳайси мудири озмоишгоҳи гидридҳои ғайриорганикӣ Институти химияи академияи илмҳо ба номи В.И. Никитин интихоб намуданд. Соли 1983 ҳамчун олими ҷавони боғайрат, ҷонишини директори Институти химия оид ба илм интихоб мешавад. Устод, Мирсаидов У.М., дар пешбурди корҳои илмии институт саҳми босазои худро гузошта, ҳамзамон ӯ соли 1985 рисолаи доктории худро аз рӯи мавзуи махсуси илми кимиё ҳимоя намуд. Қадамҳои устувори номбурда дар роҳи пурпечутоби илм ҳамаро ба ҳайрат оварда, ӯро вологавҳари муътабар мегардонад, ба қавли шоир Амир Хусрави Деҳлавӣ:

*Асли кас аз кас набошад, кас чу ҷумла з-одамон,*
*Лек ҳар кас гавҳари илм аст, вологавҳар аст.*

Одамони бузург ба кору фаъолияти ибратбахши худ, азамату бузургӣ меофаранд. Корҳои иҷрокардаи академик Мирсаидов У.М. саҳифаҳои илми кимиёи тоҷикро дурахшон мекунад. Устод ва фаъолияти илмии ӯ як марҳилаи таърихи кимиёи тоҷик аст. Шуҳрати ӯ кайҳо аз марзҳои кишвар берун рафтааст. Раёсати академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон инро ба назар гирифта, соли 1988 ӯро ба ҳайси директори Институти химияи ба номи В.И.Никитин интихоб намуданд. Дар ҳамин сол фармони комиссияи атестатсиони олии собиқ Иттиҳоди Шуравӣ ба ӯ унвони профессорро сазовор донистанд.

Устод барои амалӣ намудани мақсадҳои дар пеш гузоштааш пайхас намуда буд, ки амалӣ шудани онҳо кори саҳл нест. Ӯ медонист, ки ба илм ба масъулияти баланд муносибат бояд кард. Ӯ вақтро пайваста самаранок истифода бурда, ба шогирдон таъкид менамуд: -Бузургтарин талафот дар зиндагӣ ин талафоти вақт аст. Аз ин лиҳоз ҳар як дақиқаҳои умрро самаранок истифода бурда, ба нафъ ва пешрафти илми кимиёи тоҷик содиқона хизмат мекард.

Рисолати азалию усули зиёии асил неруи пешбаранда, пешоҳанг будан аст. Соҳибмаърифатӣ, масъулиятшиносӣ, фидоии илм барин хислатҳо дар замири устод бо шири модар ворид гардидааст. Суханони пурҳикмати устод сустхонон ва беҷуръатонро ба шахсони боғайрат табдил дода, кормандони илмии боғайратро ба пешқадамон, баҳодуронро бо нодиртарин мутахассисон ҳидоят мекунанд. Раёсати Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 1993 устод Мирсаидов У.М. ба унвони академики академияи илмҳои ҶТ мушарраф гардонид. Олими шуҳратёр, созмондеҳи мактаби бузурги илмии дорои тафаккури давлатӣ, омӯзгори соҳибистеъдод ва мураббии олимони ҷавон Мирсаидов Улмас Мирсаидович дар илми муосири кимиё пайваста нақши бузург мегузорад. Омӯзиши химияи гидридҳо дар институти химия аз солҳои 70-уми асри 20 авҷ гирифт. Ин самти хело мураккаби илми кимиё мебошад, ки дар он замон хуб омӯхта нашуда буд. Тадқиқотҳои бунёдиро дар соҳаи моддаҳои зиёди энергия анҷом дода, қонуниятҳои асосиро дар ин самт кашф намудааст. Устод Мирсаидов тадқиқотҳои густурдае ҷиҳати партовҳои радиатсионӣ ва энерҷии атомӣ анҷом додааст. Таъмин намудани ҳифзи муҳити зист аз истихроҷи маводи кимиёвӣ дар фаъолияти илмии академик Мирсаидов У.М. нақши босазое дорад. Ҳамзамон У. Мирсаидов таваҷҷуҳи заруриеро ба мавриди истифода қарор дода, партовҳои саноатии кимиёвӣ бахшидааст. Ҳангоми дар вазифаи директори Институти химия кор карданаш ғайрати пурҷушу хуруши худро вай сарфи инкишофи самтҳои нави илми кимиё бахшид. Олими дорои доираи назарии васеъ, хиради волои давлатӣ, усули асосии пешрафти наздик кардани илмро ба амалия ғаюрона ва муттасил дар ҳаёт татбиқ менамояд. Ӯ китобҳои зиёде аз қабили «Синтез ва хосиятҳои гидриди алюминий», «Борогидридҳои металлҳо, коркарди комплексии бор ва алюмосиликатҳои маъдании Тоҷикистон» ва даҳҳо китобҳои дигарро ба табъ расонидааст, ки роҳнамои олимони ҷавони кимиёшинос гардиданд. Фаъолияти илмӣ, ки барои технологияи истеҳсоли моддаҳои нав дар соҳаи моддаҳои зиёдэнергия, синтези индувидуалии боргидридҳои металлҳои нодир, устодро берун аз марзи ҷумҳурӣ машҳур гардонд. Ин дастовардҳо буд, ки 15.06.1995 академик Мирсаидов У.М.-ро Раёсати Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳайси Президенти он интихоб намуданд. Агар ба тақдири тараққиёти мамлакатҳо диққат диҳем мебинем, ки иқтидори Олмон, Хитой, Ҳиндустон, Россия аз пешрафти илм вобастагии ҷиддӣ дорад. Ҷумҳурии соҳибистиқлоли Тоҷикистон дар ин ҷода қадамҳои устувор гузошта истодааст. Моҳи сентябри соли 2001 аҳли илми Ҷумҳурии Тоҷикистон 50-солагии таъсиси Академияи илмҳоро таҷлил намуд. Ҷашни 50-солагии Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон хеле пуршукуҳ гузашт, дар воқеъ ҳодисаи муҳими дар ҳаёти илмию фарҳангии Ҷумҳурии соҳибистиқлоли Тоҷикистон буда, дар солномаи таърихии мардуми мо сабт гардид. Иштироки Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва суҳбати пурмуҳтавояшон дар маҷлиси тантанавӣ бахшида ба ҷашни мазкур, ки бо ширкати меҳмонони хориҷӣ, намояндаи созмонҳои гуногуни байналмилалӣ, сафоратхонаҳои воқеъ дар шаҳри Душанбе, аҳли илму адаб, фарҳанг, зиёиёну меҳнаткашони ҷумҳурӣ баргузор гардид, ба ҷашн шукуҳи тоза бахшида, онро хотирмон сохт. Зеро дар суханронии Президенти кишвар натанҳо аҳамияти таърихии илмии тоҷик ва нақши Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон чун маркази асосии илмӣ дар мамлакат таъкид гардид, балки роҳи тайкардаи он дар мавриди барраси қарор гирифта, тамоилҳои ишкишофи минбаъдаи он нишон дода шуд. Ин суханронӣ, дар воқеъ, роҳнамои судманде буда, дар назди аҳли илм вазифаҳои муҳиммеро пеш гузошт. Дар ибтидои суханронӣ Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба таърихи хело куҳан ва суннатҳои бостонии илмии тоҷик ишора намуда, таъкид кард, ки “маълумотҳои аввалин дар бораи риёзиёт, ситорашиносӣ, кимиёгарӣ ва илмҳои дигар ба ошноӣ доштани мардумони ориёинажод ҳанӯз дар китоби муқаддаси ниёгони мо «Авесто» оварда шудааст”. Ин ҳидояти Пешвои муаззами миллат дастуре буд ба оояндаи илми муосири тоҷик. Пешвои муаззами миллат таъкид намуд, ки «Академияи илмҳои ҷумҳурӣ оинаест, ки нерӯи зеҳнӣ, сатҳи маърифату дониш ва тамаддуни ҷомеаи моро инъикос менамояд».

Бе сабаб нест, ки бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аввалин касоне, ки ба унвони қаҳрамони Тоҷикистон сазовор гаштаанд, академикҳои Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон – Садриддин Айнӣ, Бобоҷон Ғафуров, Мирзо Турсунзода мебошанд. Ин саҳифаи таърихро барои он бозкушой намудем, ки яке аз ташкилкунандаҳои асосии ин ҷашни пуршукӯҳ собиқ Президенти АМИТ академик Мирсаидов У.М буданд. Ҳангоми роҳбарии академик Мирсаидов У.М. ба ниҳоди муҳими илмӣ дар тули даҳ сол як қатор тағйиротҳои ҷиддӣ ба вуқуъ пайваст. Барои минбаъд афзун намудани доираи ҳамкориҳои байналхалқии илмии АМИТ бо академия ва марказҳои илмии аксари кишварҳои ҷаҳон шартнома ба имзо расонидааст. Академияи илмҳои ҶТ бо як қатор созмонҳои байналмилалӣ ба узвият пазируфта шуд. Фаъолияти ибратбахши устод ва хислатҳои ҷавонмардии ӯ то ҳол идома дорад. Академик Мирсаидов У.М тавонист барои ҳамаи мактабҳои олии ҷумҳурӣ, аз ҷумла Кӯлоб, Бохтар, Данғара, Хуҷанд, Хоруғ, Панҷакент, Исфара, Турсунзода, Истаравшан кадрҳои дорои дараҷаи илмиро ба воя расонад. Дар он муассисаҳое, ки бо равандҳои химиявӣ кор мекунанд, ҳатман як ё ду шогирди устод дар он ҷо фаъолият менамоянд. Аз ҷумлаи шогирдони устод дар Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ-Холиқов С., Бобоев К.О., Ёрмадов Р., Досаев С., Раҳимов Р.А., Холматов Т., Акрамзода Р., Насруллоев А., Ҳисайнов Ҳ. ба тадриси фанни кимиё машғуланд, ки дастпарварони академик Мирсаидов У.М мебошанд.

Ба фармони Пешвои муаззами миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба академик Мирсаидов У.М. унвони фахрии арбоби илм ва техникаи Тоҷикистон сарфароз гардонида шуд. Барҳақ, устодро мо шогирдон мусофири гаронбори илми кимиё дар ҷумҳурӣ мешуморем. Шояд ин навиштаҳои мо як қатра аз фаъолияти илмии устод маҳсуб ёбад. Алқисса, зиндагиномаи донишманди бузурги илми кимиёи муосир академики АМИТ, Мирсаидов У.М. барои илмомӯзон, тадқиқотчиён, заҳматкашони олами фаҳму хирад-илмҳои табиию риёзӣ ва чи гуна ба қуллаҳои дурахшони илм расидан дастури нодир аст.

*Холиқов С.С. – н.и.х., дотсент мудири кафедраи химия ва методикаи таълими он*
*Раҳимов Р.А. – ассистенти кафедраи химия ва методикаи таълими он*

*Ба дил қувват будахшад ҳар нафас нерӯи истиқлол,
Кашад қад сӯи фардо қомати дилҷӯи истиқлол. И. Зарифӣ*

Анвори дониш
№6 (351), ЧОРШАНБЕ, 18.09.2024

# ДДК. АЗ ИҶРОИ РИСОЛАТ



Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, ки яке аз куҳантарин муассисаҳои таълимии кишвар ҷиҳати омодасозии кадрҳои омӯзгорӣ ба ҳисоб меравад, хосса дар даврони соҳибистиқлолии кишвар рушду пешрафти бесобиқа касб намуда, бо татбиқи иқдомҳои судманди Ҳукумати ҷумҳурӣ, ташаббусҳои маорифпарваронаи Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар иҷрои рисолати муқаддасу пуршараф гомҳои устувор бармедорад. Аз ҷумла, тайи чанд соли охир, нообаста ба шароити мутаҳаввили ҷаҳони муосир, таъсири чолишҳои асри иттилоот ба низоми илму маориф, ба дастовардҳои назаррас ноил шуда, миёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбии кишвар мавқеи сазовори хешро нигоҳ медорад. Суҳбати хабарнигори рӯзномаи “Ҷумҳурият” бо Раҳмон Дилшод Сафарбек, ректори ин Донишгоҳ, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор дар бораи фаъолияти илмиву таълимӣ ва дастоварду дурнамои ин боргоҳи илму маърифат мебошад.

***– Муҳтарам Дилшод Сафарбек, воқеан, тайи чанд соли охир Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ ба яке аз донишгоҳҳои бонуфузи кишвар табдил ёфтааст. Мехоҳам, суҳбатро аз фаъолияти раёсат ва омӯзгорону донишҷӯёни ин таълимгоҳ оғоз бубахшед. Яъне, кору омӯзиш дар ин боргоҳ чӣ гуна ба роҳ монда шудааст?***

– Бо ибрози шукргузорӣ аз фазои сулҳу суботи Ватани азизу маҳбуб, неъмати ҳувиятбахше чун истиқлолу озодӣ, иттиҳоду сарҷамъии халқи кишвар ва сиёсати хирадмандонаву маорифпарваронаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ин фурсат зарур мешуморем, ки атрофи дастовардҳои Донишгоҳ дар шаш моҳи соли ҷорӣ сухан дар миён бигзорем.

Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ бахри татбиқи сиёсати давлатӣ дар соҳаи илму маориф, дастуру супоришҳои Пешвои миллат, аз ҷумла бо назардошти таҳлилу масъалагузориҳояшон дар мулоқотҳои таърихӣ бо фаъолон, намояндагони ҷомеа ва ходимони дин (09.03.2024), бо аҳли илм ва маорифи кишвар (30.05.2024), ҷиҳати тақвияти ғояҳои ватандӯстӣ ва худшиносии миллӣ, ташаккули маърифати ҳуқуқӣ ва масъулиятшиносии аҳолӣ бобати риояи меъёрҳои қонунгузории миллӣ, посдории арзишҳои фарҳанги миллӣ ва ҳифзи дастовардҳои соҳибистиқлолӣ, баланд бардоштани дараҷаи касбияти омӯзгорон, тақвияти заминаҳои моддӣ-техникӣ ва зарфияти илмии муассиса, ташкили озмоишгоҳҳои замонавӣ, кашф ва парвариши насли ихтироъкор, таъ-



мини ҳамгироии илм бо истеҳсолот, мусоидат ба саноатикунонии босуръати мамлакат, тадбирҳои омодасозии шогирдон ба озмунҳои ҷумҳуриявӣ иқдомҳои судманду бороварро роҳандозӣ намудааст.

***– Татбиқи Стратегияи рушди Донишгоҳ алҳол дар кадом сатҳ қарор дорад?***

– Бо назардошти талаботи бозори меҳнат, беҳтарсозии вазъи таълиму тарбия, ҷалби бештари довталабон ба Донишгоҳ, ҳавасмандсозии омӯзгорони ҷавон, тақвияти заминаи моддӣ-техникӣ ва зарфияти илмии таълимгоҳ, бунёди биноҳои нави таълимӣ, хобгоҳҳо барои донишҷӯёну омӯзгорон, такмили озмоишгоҳҳои мавҷуда ва ташкили озмоишгоҳҳои наву замонавӣ, рушди ҳоҷагии минтақа ва ҷумҳурӣ як қатор корҳо ба сомон расидаанд. Аз ҷумла, боиси нишоти афзуни коллективи Донишгоҳ аст, ки дар доираи тадбирҳои созан-



даву бунёдкоронаи Ҳукумати ҷумҳурӣ бахшида ба истиқболи шоистаи Ҷашни 35-солагии Истиқлоли давлатӣ аз ҷониби Дирексияи сохтмонии иншооти ҳукуматӣ корҳои марбут ба бунёди бинои 8-ошёнаи наву замонавии таълимӣ ба ҷойи бинои 2-ошёнаи факултети омӯзгорӣ ва фаҳанг оғоз гардида, айни замон бартарафсозии бинои кӯҳна ҷараён дорад. Илова бар ин, тадбирҳои ҳамоҳангсозӣ ва расмиёти ҳуҷҷатгузорӣ роҷеъ ба бунёди бинои 10-ошёнаи хобгоҳ барои омӯзгорону донишҷӯён бо тарҳи муосиру шароити муносиб ба анҷом расида, оғози корҳои сохтмонӣ дар назар аст.

***– Саҳми устодону донишҷӯёни таълимгоҳ дар озмунҳои гуногуни таъсисдода чӣ гуна аст?***

– Дар партави иқдомҳо ва тадбирҷӯиҳои пайваста, заҳмати аҳлонаву пурсамари коллективи муътабари Донишгоҳ, натиҷаҳои таълимӣ, илмӣ ва тарбиявии ҳайати профессорону омӯзгорон, фаъолияти муассиса дар самти робитаҳои байналмилалӣ ва корҳои ободониву хоҷагидорӣ, дастовардҳои донишҷӯён дар озмуну олимпиадаҳои шаҳрӣ, вилоятӣ, ҷумҳуриявӣ ва мусобиқаҳои варзишӣ дар нимсолаи якуми соли 2024 қобили таваҷҷуҳ мебошанд.

Аз ҷумла, хурсандибахш аст, ки Шарофат Худойдодова, ноиби ректор оид ба муносибатҳои байналмилалии Донишгоҳ, устоди тахассуси рӯзноманигорӣ дар озмуни вилоятии “Неруи сухан” барои дарёфти Ҷоизаи раиси вилояти Хатлон аз рӯйи номинатсияи “Рӯзно-

# ТАҶЛИЛ АЗ РӮЗИ ДОНИШ ВА ДАРСИ СУЛҲ



1-уми сентябр Рӯзи дониш ва Дарси сулҳ дар толори фарҳангии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ бо иштироки ҳайати устодону кормандон ва донишҷӯён таҷлил гардид.

Ҳамчунин дар рафти он раиси шаҳри Кӯлоб Назарзода Бахтиёр ҳузур дошт.

Қабл аз баргузории Дарси сулҳ муовини ректор оид ба таълим дотсент Абдусамадзода Эраҷ дар сухани шодбошӣ ҳозиринро ба Рӯзи дониш табрик гуфт. Инчунин, қайд кард, ки сиёсати маорифпарваронаи Пешвои муаззами миллат моро муваззаф менамояд, ки дар рӯҳияи худогоҳиву худшиносӣ ва ҳуввияти миллӣ тарбия намудани шогирдон кӯшиши бештар намоем.

Сипас, раиси шаҳри Кӯлоб Назарзода Бахтиёр суханронӣ намуда, аҳли раёсатро бахшида ба Рӯзи дониш муборакбод гуфтанд. Қайд карданд, ки ташкили озмунҳои ҷумҳуриявӣ моро водор менамояд, ки шогирдонро дар рӯҳияи илмомӯзӣ тарбия намоем. Инчунин, аз дастгириҳои раиси шаҳри Кӯлоб ба соҳаи маориф ёдовар шуда, аз муваффақиятҳои бадастовардаи маорифчиёни шаҳр ҳарф зад.

Сипас, ҳайати профессорону омӯзгорон ва донишҷӯёни донишгоҳ Дарси сулҳ, ки дар муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №19-и пойтахт бо иштироки Пешвои миллат,



Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон баргузор гардид, дастаҷамъона тамошо намуданд.

# ТО ДУРНАМОИ НЕК

манигори соҳибмактаб" ғолиб омада, барандаи ҷоизаи озмун ва дипломи дараҷаи 1 гардид.

Сомонаи расмии муассиса дар номинатсияи "Беҳтарин сомонаи интернетӣ"-и озмуни мазкур ғолиби ҷойи аввал, барандаи ҷоизаи озмун, дипломи дараҷаи 1 дониста шуд.

Дотсентон Н. Комилов ва М. Мирсаидов дар озмуни байналмилалии "Беҳтарин олимони ҷавони ИДМ-24" бо пешниҳоди тадқиқоти илмӣ дар бахши иқтисодиёт ғолиб ва медалу дипломи дараҷаи 1-ро соҳиб шуданд.

Қобили тазаккур аст, ки дастаи олимпии Донишгоҳ бо гирифтани 6 ҷойи ифтихорӣ ва 2 "Ифтихорнома" барои иштироки фаъолона дар Олимпиадаи фаннӣ миёни донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбии кишвар дар бахши фанҳои гуманитарӣ, иқтисодию иҷтимоӣ ҷойи дуюмро касб намуд.

Дар даври шаҳрии Озмуни ҷумҳуриявии "Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст" донишҷӯён



фаъолона ширкат варзида, 21 нафар аз онҳо барои иштирок дар даври вилоятии ин Озмун роҳ ёфтанд. Дар даври шаҳрии Озмуни "Илм – фурӯғи маърифат" низ донишҷӯён фаъол буданд ва 25 нафари онҳо барои ширкат дар даври вилоятӣ роҳхат гирифтанд. Дар Озмуни "Тоҷикистон – Ватани азизи ман!" 11 нафар кормандку донишҷӯ иштирок намуда, 5 нафари онҳо ҳуқуқи ширкат дар даври ҷумҳуриявиро пайдо карданд.

***– Ба варзиш чӣ гуна таваҷҷуҳ зоҳир мегардад ва ҳам ба чӣ дастовардҳое дар ин соҳа ноил шудаед?***

– Қобили зикр аст, ки дар Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ факултети алоҳидае бо номи тарбияи ҷисмонӣ ва омодагии дифоъи ҳарбӣ амал намуда, раёсат, омӯзгорон ва донишҷӯёни муассиса ба варзиш ва тарзи ҳаёти солим ҳамчун соҳаи афзалият-




ноки сиёсати давлатӣ ва василаи солимиву сарафрозии миллат дар арсаҳои байналмилалӣ таваҷҷуҳи хосса зоҳир менамоянд. Ҳамин аст, ки дар ин муддат, яъне шаш моҳи соли ҷорӣ донишҷӯёни мо дар як қатор чорабиниҳои варзишии сатҳи байналмилалӣ, ҷумҳуриявӣ ва шаҳриву донишгоҳӣ ширкат варзида, ба гирифтани 53 медал, аз ҷумла 8 медали тилло, 25 нуқра, 20 биринҷӣ мушарраф шудаанд.

***– Фаъолияти Донишгоҳро дар самти муносибатҳои байналмилалӣ чӣ гуна арзёбӣ мекунед?***

– Дар шароити кунунии таҳаввули рӯзафзуни сохтори иҷтимоии кишварҳо бар асари тараққиёти илму техника ва технологияи рақамӣ, тақозои такмили пайвастаи низому барномаҳои таълимӣ, тақвияти ҳамкориҳои байналмилалӣ яке аз самтҳои афзалиятноки фаъолияти муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ба ҳисоб меравад. Дар ин давра Донишгоҳ бо зиёда аз 106 муассисаи таҳсилоти олии касбии хориҷи кишвар ҳамкории судмандро идома додааст, ки ба самтҳои табодули таҷриба, табодули дастовардҳои соҳаи таълим, табодули таҷриба дар соҳаи илм ва иштирок дар чорабиниҳои илмии яқдигар ва ғайра равона шудаанд. Дар давраи ҳисоботӣ Донишгоҳ бо 6 муассисаи таҳсилоти олии касбии хориҷӣ, аз ҷумла Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тошканд, Донишгоҳи давлатии иқтисодии Тошканд, Донишгоҳи давлатии забонҳои ҷаҳони Тошканд, Донишгоҳи давлатии техникии Ӯзбекистон ба номи Ислом Каримов, Донишгоҳи давлатии Самарқанд ба номи Шароф Рашидов ва Донишгоҳи давлатии Ленинград ба номи А.С. Пушкин шартномаҳои ҳамкорӣ ба имзо расондааст.

***– Имкон дорад, ки аз дурнамои фаъолият бигӯед? Яъне, чӣ тадбирҳо дар ин маврид андешида шудаанду иҷро мешаванд?***

– Тадбирҳои зерин бахше аз дурнамои фаъолияти Донишгоҳро ташкил медиҳанд: таҳияи нақшаи фаъолият барои соли таҳсили 2024-2025 бо назардошти Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон (аз 28.12.2023) ва Стратегияи рушди Донишгоҳ, аз аккредитатсияи байналмилалӣ гузарондани баъзе ихтисосҳо, такмили мубодилаи академии донишҷӯён ва ихтисоси омӯзгорон дар донишгоҳу пажӯҳишгоҳҳои кишвар ва хориҷ аз он, таъсиси ихтисосҳои нав вобаста ба талаботи бозори меҳнат, мусоидат ба афзоиши шумораи ҳимояи рисолаҳои номзадию докторӣ, нашри мақолаҳо дар маҷаллаҳои байналмилалӣ, тақвият бахшидани дастаҳои олимпӣ ҷиҳати афзудани натиҷаҳо дар озмунҳои ҷумҳуриявӣ



ва байналмилалӣ, омодагӣ ба таҷлили шоистаи 80-солагии Донишгоҳ.

Албатта, амалӣ намудани ин дурнамо ба сифати таълиму тарбияи донишҷӯён, пешрафти дигар соҳаҳо ва такмили донишу таҷрибаи омӯзгорон таъсири неки худро мегузорад.

*Мусоҳиб Абдулқодири РАҲИМ*
*Бознашр аз рӯзномаи "Ҷумҳурият", аз 08.08.2024 №151*

**P.S. Расмҳо мувофиқ ба мазмуни матлаб аз ҷониби рӯзномаи «Анвори дониш» ҷойгир карда шудаанд.**

## ҲАМОИШИ ИЛМӢ ДАР ҲОШИЯИ ДАРСИ СУЛҲ ВА РӮЗИ ДОНИШ



Дар Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ баъд аз тамошои мулоқоти Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо кормандони соҳаи маориф бахшида ба Рӯзи дониш, ки дар муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №19-и пойтахт баргузор гардид, ҳамоиши илмӣ ҷиҳати боз ҳам тақвият бахшидани корҳо дар самти баланд бардоштани сатҳи маърифатнокии насли наврасу ҷавон, тарбияи ватандӯстиву хештаншиносии онҳо, ҳисси ифтихор аз таърихи тамаддуни бостонӣ доир шуд.

Дар ҳамоиш раиси шаҳри Кӯлоб Назарзода Бахтиёр, муовини ректор оид ба таълим, дотсент Абдусамадзода Эраҷ, доктори илмҳои таърих, профессор Абдуллоев Маҳмуд, муовини ректор оид ба муносибатҳои байналмилалӣ, дотсент Шарофат Худойдодова, дотсент Саттор Ғаффоров суханронӣ намуда, дар зимн оид ба аҳамияти бо дарси сулҳ оғоз намудани соли таҳсил ибрози андеша намуданд. Бо таъкид аз нуктаҳо ва суханони ҳикматбори Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ёдовар шуданд, ки амалӣ гардидани ниятҳои неки ҳар як инсон ва нақшаву барномаҳои созандаи давлату ҷомеа фақат дар шароити сулҳу оромӣ, суботи сиёсӣ ва ваҳдати миллӣ имконпазир мегардад.

Дар ин ҷиҳат моро лозим меояд, ки таъкидоти Сарвари олии кишварро: "ҳар як шаҳрванди кишвар сулҳу оромӣ, суботи сиёсӣ ва ваҳдати миллии ба қимати ҷони даҳҳо ҳазор ҳамватанонамон бадастомадаро ҳифзу эҳтиёт карда, дар шароити бесуботи ҷаҳон барои ҳимояи истиқлолу озодии давлат ва Ватани маҳбубамон ҳамеша кӯшишу талош намоянд" сармашқи кори худ қарор дода, дар роҳи таҳким ва ҳифзу нигоҳдошти дастовардҳои истиқлолу суботи сартосарии кишвар талошҳои пайгиронаро рӯйи кор оварем.



# ОЛИМ, ОМӮЗГОР ВА МАРДИ ҶӮЯНДА

***(Бахшида ба 80-солагии устод Ғоиб Мирзоев)***

Сухан гуфтан дар бораи устод, олим, инсоне, ки умри азизи худро ба тарбияи донишҷӯён ва ҷавонон бахшидаасту ҳамеша саъй дорад, ки ба ҷомеа манфиате биоварад, саҳлу осон нест. Агар тамоми навиштаҳо, китобҳои мустақил аз ашъори мутафакирону нависандаҳои гузаштаву муосирро дар робита ба хислатҳои нек ва созандаву роҳнамои инсонҳои бузургро мурур намоем ва ба ҷустори ашхоси дорои дили саршор аз меҳр бошем, беихтиёр пеши назар симои олим, донишманд ва омӯзгори асил Ғоиб Мирзоев ҷилвагар хоҳад шуд, ки ҳамеша дар талош ҳасту ҷустуҷӯи ҳадафи дар пеш гузошта. Номзади илмҳои филология, дотсент Ғоиб Мирзоев касби худро дӯст медорад. Ғайрату кӯшиши худро дар роҳи талоши беандоза баҳри тарбияи мутахассисони варзида ба банда ҳам ҳамчун устод харҷ додааст. Ин рафтори устод аз шаҳомату садоқат, муҳаббати шаҳрвандии ин олими шинохта баҳри ободию пешрафти Ватани маҳбубамон Тоҷикистон аст...

Деҳаи Чилчаи ноҳияи Қизилмазор (ҳозира Темурмалик) ҷои хушободу ҳавою хушманзар мебошад. Боғу ҳавлиҳои сермева: ангур, себ, зардолу, писта, тут ва дигар меваҳои шакарин дорад. Дар ҳамаи фаслҳои сол рӯи дастархони хонадони ин деҳа аз меваҳои тар ва хушк фаровон аст. Дар ҳамин деҳа (бо ибораи шоир Мирсаид Миршакар "Қишлоқи тилоӣ") Ғоиб Мирзоев 15 июни соли 1944 ба дунё омадааст. Падараш Алиев Мирзо деҳқон, колхозчии пешқадам ва чорводор будааст. Модараш Муродова Бибигул колхозчии пешқадам, дузанда, чакандӯз, кадбонуи моҳири деҳа будааст. Барои хизматҳои содиқонааш бо медали "Барои меҳнати шоён" дар ақибгоҳ мукофотонида шудааст.



Таҳсил дар мактаби 7-солаи №5 (ҳоло МТМУ-и №6) деҳаи Чилчаи н.Совет (1950-1957), мактаби миёнаи №1 ба номи И.В. Сталин (ҳоло Рустам Шарифов) н.Совет (ҳоло н. Темурмалик (1957-1960)), Колхозчии колхози "Ғалаба" (1960 то 30 декабри 1961), аз 1 январи соли 1962 то 31 июли соли 1962 муаллими синфҳои ибтидоии мактаби 7-солаи ба номи Карл Маркси деҳаи Шаҳиди Бобохони ноҳияи Совет (ҳоло ба ҳайати ноҳияи Балҷувон дохил аст) кор кардааст.

Соли 1962 ба бахши забон ва адабиёти тоҷики факултети филологияи Институти педагогии шаҳри Кӯлоб (ҳоло Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ) дохил мешавад. Дар институт бо баҳои аъло механду дар озмуну олимпиадаҳо ва корҳои ҷаъмиятӣ фаъолонаву сари вақт иштирок мекард. Дар назди устодон ва донишҷӯён обрую эътибораш аз ҷиҳати дониш ва одобаш баланд буд. Ӯ соли 1969 институтро бо дипломи аъло хатм мекунад. Дар ин миён солҳои 1964-1967 дар Артиши Шуравӣ 3-сол хизмати Ватан-модарро адо мекунад. Дар мудати 3-сол ӯ забони русиро ёд гирифта, муошироти озод менамояд. Тибқи роҳхати Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолияти худро дар кафедраи забони тоҷикии Институти педагогии Кӯлоб ба ҳайси омӯзгор шурӯъ менамояд. Соли 1974 ба аспирантураи рӯзонаи Институти забоншиносии Академияи илмҳои СССР (ИҶШС) дар шаҳри Ленинград (ҳозира Санкт Петербург) дохил шуда 3-сол мехонад. Соли 1977 аспирантураро сарбаландона хатм мекунад. Ғоиб Мирзоев аввалин хатмкардаи Институти педагогии шаҳри Кӯлоб буд, ки дар аспирантураи Институти забоншиносии АИ СССР дар шаҳри Ленинград таҳсил намуда, бо роҳбарии эроншиноси маъруфи рус доктори илмҳои филология, профессор Соколова Валентина Степанова дар мавзуи "Калимасозии пасвандии ҳиссаҳои номии нутқ дар забони ҳозираи тоҷик" (1987, Душанбе) рисолаи номзадӣ дифоъ кардааст. Ӯ бори нахуст дар забоншиносии тоҷик калимасозиро аз таҳлили морфологии таркиби калима мавриди тадқиқ ва барасӣ қарор додааст. Ғоиб Мирзоев яке аз поягузорони назарияи калимасозӣ дар забоншиносии тоҷик ба шумор меравад. Устод ба маъсалаҳои вожашиносӣ, лаҳҷашиносӣ, савтиёти забони тоҷикӣ, этимология ҳам таваҷҷуҳ намудааст.

Ғоиб Мирзоев баъди хатми аспирантура ба Институти педагогии Кӯлоб баргашта, дар вазифаи саромӯзгор, мудири кафедраи умумидонишгоҳии забони русӣ (1979-1982), ҷонишини декани факултети филологияи тоҷик (1987-1993), методисти шуъбаи таълими ғоибона (1999-2003), декани факултети филологияи хориҷӣ (2005-2008), ёвари ректор (2008-2010), мудири кафедраи методикаи таълимии забони тоҷикӣ (2010-2011), декани факултети филологияи тоҷик ва журналистика (2011-2012) иҷрои вазифа намудааст. Аз соли 2012 то имрӯз дотсенти кафедраи забоншиносӣ ва таърихи забон мебошад.

Дар тули умраш устод шогирдони зиёдеро таълим додаву тарбия кадааст, ки то ба қуллаҳои баланди роҳбарӣ расидаанд. Ба ин дастовардҳо: -Ман бо дуои падару модарам, бо дуои неки устодонам расидаам, -мегуяд устоди гиромиқадр.

Барои хизматҳояш дар рушди илму маърифат бо нишони "Аълочии маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон (2012), унвони фахрии "Корманди шоистаи Тоҷикистон" (2015) сарфароз гардонида шудааст. Ифтихорномаҳои Вазорати маориф, идораи маорифи вилоятҳои Кӯлоб ва Хатлон, раиси ш. Кӯлоб, Донишгоҳи давлатии Кӯлоб, медали 20-солагии Ғалаба бар фашизми гитлерӣ қадрдонӣ карда шудааст. 28 августи соли 2015 дар фазои толори бошукуҳи "Қасри миллат" номи Ғоиб Мирзоев низ садо дод. Сарвари кишвар, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, вақте ки ба ин олими забоншинос унвони фахрии "Корманди шоистаи Тоҷикистон"-ро тақдим менамуданд, самимона ва бо эътимод гуфтанд: - Мо бовар дорем, ки шумо минбаъд низ аз ҳисоби донишҷӯёни болаёқат ба тайёр кардани мутахассисони варзида хизмати сазовор мекунед.

-Барои ватани азизам фидокорона хизмати сазовор мекунам,- гуфт олими забоншинос. Банда ҳам аз он фахр мекунад, ки дар ҳамон рӯзи саид (28.08.2015) бо ду нафар устодонам: дотсентони ДДК ба номи А. Рӯдакӣ Аъзамов Х.С. ва Ғоиб Мирзоев аз дасти Ҷаноби олӣ унвони фахрии "Корманди шоистаи Тоҷикистон"-ро дар дили шаҳри Душанбе- "Қасри миллат" гирифтам. Мо устодон ва шогирдон беҳад хурсанд шудем, баъди анҷоми мукофотсупорӣ якдигарро табрик кардем, худамонро хушбахтарин шахс донистем.

Ӯ шахси худододу фавқулодда истеъдоднок аст. Бо чеҳраи кушода, қомати дилкаш, марди қадбаланд, сиёҳчашму сиёҳабрӯ буд, ки ҳоло мӯйи сар сафед, абрӯ сафед, албатта, ин сафедиҳо ба устод зебанда аст. Вай дар умри пурбаракати худ натанҳо дар байни шогирдон, балки дар байни ҳамсолон, ҳамзамонон ва ҳамкорон маъруфу машҳур гардидааст. Бояд гуфт, ки устод умри хешро сарфи корҳои нек намуда, донишҷӯён-шогирдонашро низ дар ҳамин руҳия тарбия кардааст. Бештар шогирдонашро ба донишомӯзӣ, китобхонӣ, росткорӣ ва ростқавлӣ ҳидоят мекунад. Ӯ китобхонаи шахсии худро дорад. Устод асарҳои бисёрҷилдаи Президенти мамлакат, Ҷаноби олӣ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро мунтазам мутолиа намуда, дар кори омӯзгории худ истифода мебарад. Устод марди фозилу оқил, пухтакор, серталабу сахтгир ва ҳамзамон хоксору фурӯтан, одию софдил, хайрхоҳу меҳрубон мебошад.

Ғоиб Мирзоев бо ҳамсараш "Қаҳрамонмодар" Зеби Саидова (1950-2002) 10-нафар фарзандонро ба дунё оварда, таълиму тарбияи хуб додаанд. Дар натиҷа ҳамаи фарзандон бо маълумоти олӣ ба халқу ватан хизмати босазо ва кор карда истодаанд.

Соли 2009 Ғоиб Мирзоев дуюмбора ба Каримова Сифатгул оиладор мешавад. Писараш Саидмуъмин (2010), духтараш Меҳрона (2013) дар МТМУ-и №5 ш. Кӯлоб дар синфи 4 хонда ба синфи 5 гузашт. Падар ва модар боумед ба писараш Саидмуъмин ном гузоштанд, ки ҳамчун ҷаҳонпаҳлавон Саидмуъмин Раҳимов номбардори ватан бошад. Ҳангоми суҳбат Саидмуъмин дар МТМУ №5 дар синфи 7 бо баҳои аъло механаду пас аз дарс бо мураббияш устоди варзиш Дилшод Файзов бо гуштини тарзи озод машқ менамуд. Ҳоло дар синфи 8 таҳсил менамояд.

- Ба ки пайравӣ мекунӣ паҳлавон?- гуфта пурсидам.

- Ба падарам ва Искандари Рустам, - гуфта ҷавоб дод.

- Барору комёбӣ мехоҳам, гуфтам.

Устод Ғоиб Мирзоев ҳам паҳлавон будааст, ки довари дараҷаи ҷумҳуриявӣ оид ба гуштини тарзи озод дар соли 2002 мебошад.

Устод ниҳоят шахси серкору соҳибирода, дар заҳматҳои мудовими худ дарёфтааст, алоқаманд мебошад. Ӯ ба ҳамаи гирифториҳои рӯзгори хеш нигоҳ накарда олим, омӯзгор, марди ҷӯянда ва донишманди шинохта аст. Ғоиб Мирзоев узви Ассотсиатсияи умумиттифоқии шарқшиносони АИ СССР (1988), узви Шурои ҷумҳуриявии ҳамгунсозии истилоҳоти Кумитаи истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон (2011) мебошад.

Мураттиби "Донишномаи ДДК ба номи А. Рӯдакӣ" (2015), муаллифи рисолаҳои "Суффиксальное словооброзование в современном таджикском языке" (2018), "Хушае аз хирмани сухан" (2018), китобҳои "Абармарди илму маърифат" (2019), бо ҳаммуаллифӣ "Муқадимаи забошиносӣ" (курси лексия) ва зиёда аз сад мақолаи илмию методӣ ба нашр расонидааст. Иштирокчии чандин конференсияҳои (Москва, Санкт-Петербург, Россия, Душанбе, Бохтар ва Кӯлоб) мебошад. Дар ин конференсияҳо оид ба забони тоҷикӣ, забоншиносӣ баромадҳо кардааст, ки аз тарафи забоншиносони машҳур ба дониши Ғоиб Мирзоев баҳои баланд дода шудааст. Ҳамаи ин натиҷаи меҳнатдӯстии марди наҷиб аст.

Ғоиб Мирзоев китоби "Сиҳоҳ-ул-фурс"-и Муҳаммад ибни Ҳиндушоҳи Нахҷувониро, ки дар асри XIV таълиф гардидааст, бори нахуст бо хати крилиасос ба забони тоҷикӣ таҳия карда, соли 2023 ба донишҷӯён пешкаш намуд. Асари мазкур то кунун ба аҳли илм ва доираи васеи хонандагони имрӯзаи тоҷик дастрас набуд ва бори нахуст бо кӯшиши устод бо хати крилиасоси тоҷикӣ соли 2023 дар матбааи ҶДММ-и "Гулнақш" дар шаҳри Душанбе чоп шудааст. "Сиҳоҳ-ул-фурс" иборат аз 26 боб, 431 фасл ва 2300 луғат буда, 405 саҳифаро дар бар мегирад.

Дар тӯли 62 соли фаъолияти омӯзгории худ (аз 1-уми январи соли 1962) устод Ғоиб Мирзоев дар хизмати мардум ва Ватан буда, дар мактаби олӣ ба донишҷӯён таълиму тарбия дода, шумораи онҳо беҳад бисёр буданд. Ба онҳо на танҳо ихтисосу касб омӯхт, балки хулқу одоби ҳамида, фазилати неки инсонӣ, бештар ҳурмат кардани падару модар, ҳурмати ҳамаи аъзои оила, калонсолон, устодон ва аҳли ҷомеаро омӯзонд. Ватандӯстиву ватанпарварӣ, худшиносию худогоҳӣ, меҳнати ҳалол ба нафъи ватану ватандориро омӯхт.

Пажӯҳиш ва таълифи осори таълимӣ ва илмии устод ҳеҷ гоҳ аз омӯзишу тадқиқот ба илми забоншиносӣ дур набудааст ва асарҳои зиёди таълимиву пажӯҳиш таълиф намудааст, ки имрӯз қисме аз онҳоро ҳамчун дастури раҳнамо дар Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ва дигар донишгоҳҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода мебаранд.

Имрӯзҳо ин олими шинохтаи ҷумҳурӣ дотсент, "Корманди шоистаи Тоҷикистон" Ғоиб Мирзоев, ки дар синни муборакӣ 80 мебошад, ба ин муносибат устодро табрику шодбош гуфта, бароящон саломатӣ, умри дарози Саъдиёна ва дар корҳои ояндаашон комёбиҳои беназир таманно дорем. Ба қавли шоири ширинсухан:

***Дар ин умре, ки номаш ҳаст ҳаштод,***
***Кашидӣ заҳмату дидӣ басе ранҷ.***
***Калиди илму дониш кашф кардӣ,***
***Муяссар шуд бароят оқибат ганҷ.***

Устоди азизу арҷманд, агар ин чанд сухани шогирд дар синни бароятон муборак боиси болидагии хотири шумо гардад, ман худамро хушбахт меҳисобам.



***Ҳайдаралӣ Давлатов, аъзои ИЖТ, Аълочии маориф, матбуот ва фарҳанги ҶТ, корманди шоистаи Тоҷикистон аз ноҳияи Темурмалик***

# «ПАДАР». АНДЕШАҲО ПЕРОМУНИ РОМАНИ НАВИСАНДА АБДУЛҚОДИРИ РАҲИМ

Абдулқодири Раҳим аз ҷумлаи адибони серталош ва хушзавқи адабиёти муосири тоҷик рӯзноманигор, шоир ва нависандае мебошад, ки бо таълифоти ҷолиби хеш кайҳо боз диққати аҳли илму адаб, хосса мунаққидону муҳаққиқонро ба худ ҷалб кардааст. Романи тозаэҷоди ӯ зери унвони «Падар», ки соли 2024 нашр гардидааст, аз лиҳози мавзуъ ва мундариҷа боиси таваҷҷуҳ мебошад. Ба андешаи Нависандаи халқии Тоҷикистон устод Абдулҳамид Самад «Падар» то ҷое таҳқиқи мантиқии бадеӣ-эстетикии мавзуъҳои маърифатии силсилаи асарҳои «Дарди сар» ва «Рангҳо»-ву «Марг» ба назар мерасад». Воқеан ҳам, бо мутолиаи асарҳои нависанда Абдулқодири Раҳим эҳсос мешавад, ки як асар идомаи мантиқии асарҳои қаблан эҷодкардаи вай мебошад, чун тарзи ифодаи фикр ва ҷаҳони андешаи муаллиф басо рангин ва асроромез аст. Таровидаҳои чакомаи ин адиби хушзавқ барои на ҳар хонанда фаҳмост.




Зеро, аз рӯи унвони асар, ки «Падар» номгузорӣ шудааст, ба назари хонанда, пеш аз ҳама, симои шахсияти барои адабиёт маъмул – падар, сутуни хонадон, тарбиятгар ва сарпаноҳи ҳамсару фарзандон намудор мегардад. Бале, хонанда низ ҳақ дорад, зеро то имрӯз мо асарҳои ба ин ном наздик, ба монанди «Дар орзуи падар» аз устод Кароматуллоҳи Мирзо ва «Баъд аз сари падар» аз устод Абдулҳамид Самадро медонем ва мутолаа кардаем. Мувофиқи сужаи романи «Дар орзуи падар» фарзанди дилбанди Нозимии майзада – Меҳрубони хурдсол дар орзуи доштани падаре буд, ки ӯро падарӣ карда тавонад ва дар қиссаи «Баъд аз сари падар» бошад, Хусрав баъди вафоти падараш ба гирдоби яъсу ноумедӣ фитода, бесарпаноҳ мемонад. Дар фарқ аз маънии боло «Падар»-и офаридаи устод Абдулқодири Раҳим дар адабиёти бадеии муосири тоҷик мазмун ва моҳияти тамоман мутафовитро доро мебошад. Симои падар аз ҷониби нависанда маҷозӣ офарида шудааст. Ҳузураш дар сужаи бисёрҷабҳаи асар рамзист. Мавқеаш мушаххас – ҳидоятгари роҳи рост, парастандаи дину оин, нигоҳдорандаи тамоми урфу одатҳои накуи аҷдодӣ, талқингари хислатҳои наҷиби инсонӣ.

Тавре қайд шуд, роман бисёрсужа мебошад, аниқтараш хатти муайяни сужаи асар пайгиринашаванда аст. Адиб кӯшиш кардааст, ки ҷаҳони ботинии на танҳо як фард, ё як гурӯҳи муайяни инсонҳоро ифшо намояд, балки ба назар чунин мерасад, ки ҷаҳони ботинии ҷомеаи имрӯзаро аз тамоми табақаҳои синнусолӣ бозкушоӣ кардааст. Ин аст хусусияти хоси романи «Падар». Дар асар намояндагони тамоми табақаҳои иҷтимоиву синнусолӣ ба таври рамзӣ ҷаҳони ботинии хешро ифшо месозанд ва аз ҳузури худ дар ҷомеа ва мақсаду ният ва орзую ҳасрати хеш ба ҳар тариқ изҳори ақида менамоянд.

Аз ибтидои роман сухан аз таъкидҳои шоистаи падар рафта, тадриҷан ин симо ба руҳи абадзиндаи наҷотбахшу раҳнамунсози башар, хосса, насли имрӯзаи мо мубаддал мегардад ва то интиҳои он рамзан ширкат меварзад. Аз нигоҳ ва бардошти аввал образи падар то андозае реалӣ ва бадеӣ ба назар мерасад, чун ба умқи мазмуни асар андешамандона ворид мешавӣ, дармеёбӣ, ки ин образ сирф рамзист. Мақсад ва муҳтавои андешаи нависанда аз интихоби номи асар ва офаридани образи рамзии падар дигар аст. Падар – руҳи бузургу поки аҷдодони нексириштаи хирадманд, поктиннату ростқавл, хайрхоҳу саховатпеша, ботадбиру порсо, хуллас, намунаи барҷаста ва гувоҳи ҳастии пешоҳангони соҳибмаърифату соҳибтариқат ва пешвоёни давлатсозу зиндагиофар мебошад.

Аз паҳлуи дигари масъала бо диққат ва диди бадеӣ назар андозем, ишораи муаллиф аз падари солор, ин ақида рӯи кор меояд, ки дар ҷомеаи муосир дар аксар давлатҳои ғарбӣ ва баъзан оилаҳои суннатии шарқӣ низ мақом ва манзалати падар ҳамчун шоҳсутуни хона, посдорандаи расму оини наку, ҷавонмардиву шуҷоат ва солору роҳнамунсоз коста гардида, дар баъзан ҳолат тамоман аз байн рафтааст. Бар хилофи ин зуҳуроти номатлуб ва хатарзои ҷомеаи навин нависанда Абдулқодири Раҳим дар тамоми хатти сужаи асар, ки бевосита иштирокчии тамоми ҳодисаву воқеа гӯянда – худи муаллиф аст, аз падари бузургвор ба накуӣ ёд меорад ва ба қавли маъруф аз «хатти кашида»- и падар, ки кайҳо боз дунёро тарк намудааст, намебарояд. Гаштаю баргашта аз гуфтаҳои ҳикматомези падар ба сифати руҳи муқаддаси аҷдод бо накуиву эҳтиром на танҳо ёдоварӣ менамояд, балки бо як эҳсоси махсус эҳтиром қоил мешавад. Аз нуқтаи назари нависанда Абдулҳамид Самад «Гирумон, динамика ва силсилабандии андеша, баҳсу талошҳои ровӣ, муаллиф ва мухотаб (Иблис, шайтони раҷим ё роҳзан) дар пояи сарчашмаҳои динӣ: Қуръон, ҳадисҳо, ҳикмату гуфтаҳои классикони адабиёт пуршиддат сурат мегирад». Аз ин ақида хулосае бар меояд, ки мунозираи муаллиф бо Иблис, гуфтугӯи қувваи хайр бо шар сурат гирифтааст.

Оре, Иблис дар замони муосир, бо рангу хислати нав, яъне, ҷаҳони пуртазоди имрӯза бо он ҳама найрангҳову паёмадҳои пешгӯинашавандааш, ки фарҳангҳо, суннатҳо, расму оин, урфу одатҳои накуву шоиста, маданияту одоби ҳамидаи инсони муосирро кӯшиши фурӯ бурдану ҷои он сангдиливу бесуннатӣ ва бефарҳангиро кӯшиши талқин кардан дорад, ба мазҳари андеша кашида шудааст. Ба гумони ғолиб, ҳадафи нависанда шояд аз ҳамин иборат бошад, ки фарди худогоҳи имрӯз бояд бо дарки баланди масъулияти худшиносиву худогоҳӣ ва ифтихори бузург аз аҷдоду ниёгони хеш ва аз бар кардани дастовардҳои наҷибу судбахши ҷомеаи муосир дар баробари ҳама нобасомониву андешаҳои муғризонаи иблиссифатон қавию устувор ва намуна бошад, то тавонад, ки дар марҳалаи ҳассоси ҷаҳонишавӣ ҳамчун фард, ҳамчун халқ ва ҳамчун миллат боқӣ монад. Дар асар бармало эҳсос мешавад, ки нависанда бо ҳар тарзу усул ва шеваи хоси нигориши хеш ба хонанда арзишҳои фаромӯшшударо ёдрас кардан мехоҳад. Арзишҳои ба назар кӯчаку ба моҳият хеле бузурге чун гиромӣ доштани дабистон, эҳтироми омӯзгору ҳамсабақ, ҳифзи дӯстиву ҳамраъйӣ, эҳтироми арзишҳои волои диниву ахлоқӣ, арҷ гузоштан ба фарҳанги миллӣ, хосса, либоспӯшӣ, маърифати рӯзгордорӣ ва ҳифзи асолати азалии як инсони комил аз мавзуъҳои меҳварӣ маҳсуб меёбад.

Ба лавҳаи муассир аз роман таваҷҷуҳ менамоем: «Падарам ба хотирам мерасад, ки дар миёни оташу дуд ба сӯи ман меояд. Падар, падарҷон – мегӯям ва худро дар миёни оташу дуд мезанам. Оташу дуд ба чаману ҳавои беғубори баъди борон табдил меёбанд». Пас, гуфтан ҷоиз аст, ки инсон бо ҳидоят ва доштани ризояти падар, қиблагоҳ, роҳнамо ва тарбиятгари руҳу ҷисм мумкин аст, ки ҳар харобаеро ба чаман ва ҳар дуду оташеро ба ҳавои софу беғубор мубаддал намояд.

Аз ибтидо то интиҳо симои падар бо он ҳама рисолату бузургӣ, бо руҳи созандаи худ ровии сужаро ҳамроҳу мададрасон аст. Дар ҳар лаҳзаи душвору мураккаб аз пандҳои падар ба маврид ёд оварда, худро тасаллӣ мебахшад. Аммо, дар фарҷом раванди мазмуни асар ба куллӣ тағйир меёбад. Ва ниҳоят масъалагузорӣ ба шакле ҷараён мегирад, ки бозгӯи вазъи ҷаҳони имрӯза аст. Якуякбора пайдо шудани «силоҳбадастони сабзпӯш», бо ақидаи «Мурдаҳо бояд ба мо – зиндаҳо ҳукмрон набошанд», «Гӯри падаронро ва ҳам дигаронро баъд ҳамвор мекунед. Ба ҷои онҳо хона месозем, кафтархона» гуфтани адиб маънои ниҳоят муассир дорад. Хонандаи огоҳ ба хубӣ дарк менамояд, ки имрӯз дар фазои ҷомеаи ҷаҳонӣ муборизаҳои тезутунд миёни абарқудратҳои манфиатхоҳ бошиддат ҷараён дорад. Мақсади асосии ин муборизаҳо дар навбати аввал, дур кардани ҳар халқу миллати соҳибфазл аз аслу насаби хеш буда, дуюм, ба ҳар василаву найрангҳои диниву сиёсӣ ва истифодаи иқтидори ҳарбиву идеологӣ барангехтани кинаву адовати афроди камсаводу гумроҳ ба арзишҳову суннатҳои аҷдодии хеш мебошад. Дар қадами баъдӣ ин «сарбозони сабзпӯш» афроди асолатбохтаро осон мавриди истифодаи манфиатҳои сиёсии хеш қарор дода, боиси аз байн бурдани халқиятҳову миллатҳои соҳибтамаддун мешаванд. Нобуд сохтану ба хок яксон кардани гӯри падарон маънои рӯй гардондан аз он ҳама арзишҳои накуи ахлоқиву маърифатии ба ёдгор гузоштаи аҷдодонамонро дорад, ки доираҳои манфиатдор мехоҳанд бо канда намудани занҷири эҳтироми насли имрӯз аз фарҳангу суннати дирӯз бесарусомониро дар миёни насли нав рӯи кор биёранд.

Ин масъалаи муҳиму рӯзмарраро адиб бо масъулияти тамом дарк намуда, моро ҳушдор медиҳад, ки бо дигаргуниҳои ҷаҳони имрӯза бо чашми хирад назар намуда, дар ҳифзи арзишҳои милливу фарҳангии аҷдодони хеш, ки тули қарнҳои зиёд бо баҳои ҷон ба мо ба мерос мондаанд ва имрӯз боиси сарафрозиямон дар арсаи байналмилалӣ гаштаанд, ҳушёру эҳтиёткор бошем.

Забон ва услуби асар ба тариқи хос навишта шудааст ва боз ҳам ба ақидаи нависанда Абдулҳамид Самад «Муаллиф гӯё асарро дар як нишаст ва нафас навиштааст». Забони асар аз таъбирҳои халқӣ, панду андарзи ниёгон ва порчаҳои шеърии шевову равон хеле бой аст. Ин нуктаро таъкид бояд кард, ки истифодаи зиёди таъбиру гӯишҳои халқӣ на ҳамеша дар таркиби асари бадеӣ мувофиқи мақсад меояд, вале ин маънӣ ба романи «Падар»-и Абдулқодири Раҳим бегонааст. Адиб тавонистааст, ки ҳар кадоми онро дар ҷои мувофиқ ва муносиб корбаст намояд, ки ин қимати бадеии асарро афзудааст.



*Гадомад ЗУЛФИЕВ, н.и.ф., дотсент,*
*декани факултети филологияи тоҷик ва журналистика*

# МЕДАЛИ ХИЗМАТИ ШОИСТА МУБОРАК!

Рӯзи 29 август дар Қасри миллат Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба ифтихори ҷашни 33-солагии Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба кормандони касбу кори гуногун, ки дар фаъолияташон натиҷаҳои шоистаи таҳсин доранд, мукофотҳои олии давлатӣ ва ҷоизаву унвонҳои фахрӣ супориданд.

Сарвари давлат таъкид доштанд, ки "дар фазои тантанавӣ баргузор гардидани маросими мукофотсупорӣ худ рамзи эҳтироми роҳбарияти давлати ба хизматҳои шоистаи ҳар як шахс мебошад. Қадрдонӣ кардан бо мукофоти давлатӣ, ҳамчунин, эътирофи фаъолияти пурсамару ибратбахши давлативу ҷамъиятӣ, истеҳсоливу соҳибкорӣ ва эҷодиву фарҳангӣ дар роҳи таҳкими истиқлоли давлатӣ, рушди иқтисоду фарҳанги миллӣ ва пойдории сулҳу субот дар ҷомеа мебошад".

Зимни суханронӣ Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон хизмати содиқонаи мутахассисони касбу кори гуногун, аз ҷумла олимону омӯзгорон, табибон, шоирону нависандагон, аҳли фарҳангу санъат, кормандони дипломатӣ, коргарону бинокорон, кишоварзон ва соҳибкоронро, ки барои рушди кишвари азизамон саҳми арзишманд гузоштаанд, махсус таъкид намуданд.

Хурсандиовар аст, ки дар маросими мукофотсупорӣ Носиров Хол муаллими



калони кафедраи таърихи халқи тоҷик ва методикаи таълими они Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ бо медали Хизмати шоиста сарфароз гардонида шуданд.

Мақсад аз сарфарозгардонӣ бо ҷоизаҳои зикршуда дар амал татбиқ намудани сиёсати давлат дар соҳаи илм, маориф ва инноватсия бо роҳи ҳавасмандгардонии олимону омӯзгорони фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ буда, ба рушди фанҳои мазкур, фаъолияти босамари эҷодии олимону омӯзгорон, баланд бардоштани мақоми онҳо дар ҷомеа, такмили усули таълим ва омӯзиши фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ аз ҷониби хонандагону донишҷӯён нигаронида шудааст.

Дар анҷоми маросими мукофотсупорӣ Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳамаи нафаронеро, ки барои фаъолияти пурсамар дар роҳи рушду пешрафти ҷомеа аз ҷониби роҳбари давлат бо мукофотҳои олӣ қадрдонӣ гардиданд, самимона табрик гуфта, бо итминон иброз доштанд, ки фарзандони содиқи Ватан минбаъд низ неруву тавоноии зеҳнӣ, донишу таҷриба, маҳорату малака ва саъю талоши худро барои боз ҳам ободу пешрафта гардонидани Тоҷикистони соҳибистиқлол, таҳкими сулҳу оромӣ, суботи сиёсӣ, ваҳдати миллӣ ва баланд бардоштани сатҳи некӯаҳволии сокинони кишвар равона месозанд

**Раёсат ва ҳайати устодону кормандони Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ муаллим Носиров Холро барои ноил шудан ба медали Хизмати шоиста самимона табрику шодбош гуфта, ба онҳо сиҳативу саломатӣ ва барору муваффақият таманно менамоянд.**

# ИСТИҚЛОЛИЯТ ВА ЭЪМОРИ ДАВЛАТДОРИИ МИЛЛӢ

Бо чунин ном санаи 06.09.2024 дар Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ бо ташаббуси кафедраи сиёсатшиносии факултети таърих, ҳуқуқ ва муносибатҳои байналмилалӣ конференсияи илмӣ-назариявӣ бахшида ба 33-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо иштироки ҳайати раёсат, устодону донишҷӯёни донишгоҳ ва омӯзгорону донишҷӯён аз Коллеҷи тиббӣ ва Коллеҷи миллитсия дар шаҳри Кӯлоб баргузор гардид.

Кори конфронс бо сухани ифтитоҳии ректори донишгоҳ, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Раҳмон Дилшод Сафарбек оғоз гардид. Устод зимни ироаи сухани ифтитоҳӣ ҳайати ҳозиринро ба муносибати 33-солагии истиқлолияти давлатӣ табрику шодбош гуфта, таъкид доштанд, ки миллати бофарҳангу тамаддунофари тоҷик аньаҳои неку волои ниёгони хешро асрҳо ҳифз намуда, имрӯзҳо бо тарҳрезию корбаст намудани арзишҳои маънавию ахлоқӣ ва сиёсию фарҳангӣ дар ҷодаи устувор намудани пояҳои истиқлолияти давлатӣ, ваҳдати миллӣ, таъмини амнияту осоиш, якдигарфаҳмиву сулҳу оромӣ қадами устувор гузошта, ба фатҳи қуллаҳои мақсуд ноил гашта истодаанд. Дар ин роҳи шарафманд саодатбори таҳкими пояҳои давлатсозӣ Истиқлолият рамзи соҳибдавлатӣ ва ватандории миллати сарбаланду мутамаддини тоҷик аст, ки номаи тақдирашро ба дас-ти хеш навишта, роҳу равиши хос ва мақоми муносибро дар ҷомеаи ҷаҳонӣ пайдо кардааст.

Дар идома тибқи барномаи конфронс Назарзода Пиралӣ Сафар, доктори илмҳои сиёсӣ, профессори кафедраи сиёсатшиносӣ дар мавзуи "Сабақи истиқлолият ва ташаккули давлатдории навини тоҷикон", Азизов Комил, номзади илмҳои фалсафа, дотсенти кафедраи фанҳои гуманитарии Донишгоҳи давлатии Данғара доир ба "Аҳаммияти ва вижагиҳои мафҳуми истиқлол" ва Некрӯзи Маҳмадхоҷа, омӯзгори кафедраи сиёсатшиносӣ дар мавзуи "Истиқлолияти давлатӣ ва таъмини амнияти миллӣ дар заминаи тамоюлҳои замони муосир" маърӯзаҳои худро ироа намуданд.



Ҳамчунин дар бахши музокирот муовини ректор оид ба муносибатҳои байналмиллалӣ, дотсент Худойдодова Шарофат ва муаллими калони кафедраи таърихи халқи тоҷик ва методикаи таълими он Носиров Хол доир ба нақш ва аҳамияти ҷашни фаромиллии тоҷик-истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ибрози андеша намуда, аз ҳозирин даъват ба амал оварданд, ки мо бояд ба қадри ин неъмати муқаддастарину азизтарини ҳаётамон расем, барои ҳимояи ин дастоварди бузурги таърихӣ ҳамеша омода бошем, сулҳу оромӣ, суботи сиёсӣ ва ваҳдати миллиро боз ҳам таҳким бахшем.

# ТАНТАНАҲОИ ҶАШНИ ИСТИҚЛОЛ ДАР ДОНИШГОҲ




Санаи 06.09.2024 дар Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ чорабинии бошукуҳи фарҳангӣ-фароғатӣ таҳти унвони "ТАРАННУМИ ИСТИҚЛОЛ" бахшида ба 33-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор гардид.

Дар чорабинӣ ректори донишгоҳ, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Раҳмон Дилшод Сафарбек, муовини раиси шаҳри Кӯлоб Орзу Ҳамидиён, муовинони ректор, ҳайати профессорон, омӯзгорон ва донишҷӯён иштирок доштанд.

Дар ифтитоҳи чорабинӣ ректори донишгоҳ, профессор Раҳмон Дилшод Сафарбек зимни ироаи сухани табрикотӣ ҳозиринро ба ифтихори ҷашни шукӯҳманду муқаддас, ганҷи шойгону муқаддам, неъмати волову муаззам, дастоварди беқиёси таърихӣ, эҳёи давлатдории дерину тамаддуни оламгир, рамзи асолату ҳувият, омили шарофату сарафрозии миллат Ҷашни Истиқлоли давлатӣ табрику таҳният гуфта, ба аҳли толор ва мардуми шарафманди кишвар сиҳатмандиву некрӯзӣ, офияту осоиши ҳамешагӣ, бахту иқболи наку, неруи фаровони созандагӣ, дастовардҳои рӯзафзуни касбӣ, боз як соли пурсамару файзбори пажуҳишу тадрис ва омӯзишу маърифатафзоӣ орзу намуданд.

Дар зимн таъкид доштанд, ки боиси нишоту шарофатмандист, ки мо, устодон, донишҷӯён, аҳли илму маориф, падарону модарон, халқи сарафрози кишвари соҳибистиқлол чун меросбарони гузаштагони некному донишгустар соли нави таҳсилро дар фазои ҳамдиливу дастаҷамъӣ бо Дарси сулҳи Пешвои сулҳҷӯю донишвар, Сарвари хирадрою маорифпарвар, ҳомии истиқлолу давлатдории ҳуқуқбунёд, Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон истиқбол гирифта, бо илҳом аз ҳидоятҳову омӯзаҳои Сарвари давлат ва посдории арзишҳои истиқлоли падарон, азми кору пайкор ва татбиқи иқдомҳои созандагиву маърифатпарварӣ менамоем.

Сипас, муовини раиси шаҳри Кӯлоб Орзу Ҳамидиён ба сухан баромада, аҳли нишастро бо ин ҷашни муқаддасу ватандорӣ, табрику таҳният намуда, ба онҳо бахту иқбол ва саломативу сарбаландӣ таманно намуд.

Дар идома ҳамчун рамзи қадршиносӣ ба як қатор омӯзгорони донишгоҳ барои татбиқи сиёсати давлатӣ дар соҳаи илму маориф, тарғибу ташвиқи арзишҳои милливу фарҳангӣ, ташкил ва баргузории чорабиниҳои фарҳангӣ-маърифатӣ бахшида ба ҷашни 33-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии



Тоҷикистон «Сипоснома»-и Раёсати донишгоҳ супорида шуд.

Дар қисмати охири чорабинӣ аз ҷониби ансамбли "Наво"-и Донишгоҳ барномаи мукаммали фарҳангӣ-дастагулe аз савту наво иборат аз рақсу суруд, шеъру тарона пешкаши ҳозирин гардонида шуд.

# БАРГУЗОРИИ ҲАМОИШИ ИЛМӢ-НАЗАРИЯВӢ



Санаи 06.09.2024 дар факултети филологияи тоҷик ва журналистикаи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ ҳамоиши илмӣ-назариявӣ дар мавзуи “Истиқлолият-асоси пойдории давлат” бахшида ба 33-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо иштироки ҳайати устодону донишҷӯёни факултет баргузор гардид.

Ҳамоиш бо сухани ифтитоҳии декани факултет, номзади илмҳои филологӣ, дотсент Зулфиев Гадомад оғоз гардида, қайд намуданд, ки “истиқлолият рамзи соҳибдавлатӣ ва ватандории миллати сарбаланду мутамаддини тоҷик аст, ки номаи тақдирашро ба дасти хеш навишта, роҳу равиши хоса ва мақоми мутаносибро дар ҷомеаи ҷаҳонӣ пайдо кардааст.

Бо ифтихори баланд иброз медорам, ки имрӯзҳо Тоҷикистони азизи мо 33-юмин солгарди Истиқлолияти давлатии худро бо руҳияи баланди ватандорӣ ва қаноатмандиву шукргузорӣ, бо дастовардҳои бузурги худ таҷлил менамояд”.

Дар идомаи ҳамоиш муаллими калони кафедраи забоншиносӣ ва таърихи забон Тоиров Шермуҳаммад дар мавзуи “Саҳми Пешвои муаззами миллат Эмомалӣ Раҳмон дар Истиқлолияти давлатӣ», мудири кафедраи журналистика, номзади илмҳои филологӣ Алишери Абдулмаҷид дар мавзуи “Истиқлол кафили саодат ва зиндагии шоиста” ва доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи адабиёти тоҷик Ашурова Нодира дар робита ба нақш ва аҳамияти истиқлоли давлатӣ дар масири давлатдории тоҷикон маърӯзаҳои худро ироа намуданд.

Дар охир ҳамоиш бо қироати порчаҳои шеърӣ аз ҷониби гурӯҳи донишҷӯён ба охир расид.

# НАШРИ МАҚОЛА ДАР МАҶАЛЛАИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ

Устодони кафедраи таърихи халқи тоҷики Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ: МАҲМУД АБДУЛЛОЕВ- доктори илмҳои таърих, профессор ва МЕҲРАФРӮЗ ХОЛМУРОДОВА-номзади илмҳои таърих, дотсент, мақолаи худро дар мавзуи “ВАҲДАТИ МИЛЛӢ ВА РУШДИ МАКТАБҲОИ ОЛИИ ОМӮЗГОРИИ ТОҶИКИСТОН ДАР СОЛҲОИ СОҲИБИСТИҚЛОЛӢ” дар бахши илмҳои педагогии Маҷаллаи байналмилалии илмӣ-амалии “ДАР ОЛАМИ ИЛМ ВА МАОРИФ”-и Қазоқистон ба нашр расониданд.

Дар ин робита ба муаллифон ҷиҳати нашри мақола сертификат супорида шудааст.







# БАРРАСИИ МАСОИЛИ МАРБУТ БА ИҶРОИ КОРҲОИ ИЛМӢ-ТАҲҚИҚОТӢ



Дар факултети молиявию иқтисодии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ бо мақсади пешбурди корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ ҷаласаи корин ҳайати кормандони илмӣ баргузор гардид. Дар ҷаласаи корӣ масъалаҳои мусоидат ба корҳои илмӣ-таҳқиқотии унвонҷӯён ва докторантони PhD-и факултет бо мақсади пешрафти ҳимояи диссертатсияҳои номзадӣ ва докторӣ, таълифи мақолаҳои илмии пурмазмун ва нашри онҳо дар конфронсу маҷаллаҳои сатҳи байналмилалӣ, тасдиқи нақшаҳои корӣ ва баргузории сариваҳтии семинарҳои илмӣ-методӣ ва маҳфилҳои илмии донишҷӯён, вусъат додани ҳамкориҳо дар доираи карордодҳои басташудаи ДДК ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ бо муассисаҳои таҳсилоти олии касбии хориҷи кишвар ва таҳияи лоиҳаҳои илмӣ-таҳқиқотӣ ҷиҳати дарёфти грантҳо мавриди баррасӣ ва коргузорӣ қарор дода шуд, ки дар он Фатҳулозода Абдухолиқ, номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент, декани факултет, Куганов Неъматулло, дотсент, номзади илмҳои иқтисодӣ, мудири кафедраи баҳисобгирии муҳосибӣ, Маҳмудов Баҳриддин, номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи назарияи иқтисодӣ, Комилов Низомиддин, номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент, мудири кафедраи молия ва қарз ва Мирсаидов Муҳаммаднаим, номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи назарияи иқтисодӣ ва ҳайати устодону омӯзгорон иштирок доштанд.

Дар зимни ҷаласа Шафиев Бахтиёр Зиёратшоевич, номзади илмҳои иқтисодӣ, муовини декан оид ба илм ва муносибатҳои байналмилалӣ ба ҳайси раиси Шӯрои олимон ва муҳаққиқони ҷавони факултети молиявию иқтисодӣ интихоб гардид.

# БАРНОМАИ ФАРҲАНГИИ ШОМИ ИСТИҚЛОЛ



Шоми 2.09.2024 аз ҷониби ансамбли "Наво"-и Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ дар боғи фарҳангӣ-фароғатии ба номи Мир Сайид Алӣ Ҳамадонии шаҳри Кӯлоб чорабинии фарҳангӣ-фароғатӣ таҳти унвони "Тараннуми истиқлол" ҷиҳати истиқбол аз 33-юмин солгарди ҷашни муқаддасу миллӣ- Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешкаши ҳозирин ва сокинони шаҳри Кӯлоб гардонида шуд.

Чорабинии фарҳангӣ инъикосгари дасторвардҳои даврони соҳибистиқлолии кишвар ва заҳмату талошҳои Пешвои муаззами миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар даврони соҳибистиқлолӣ ва фарзонафарзандони миллат дар роҳи таҳкими давлатдории миллӣ буд. Ин барномаи рангини фарҳангӣ баҳри дилхушии сокинон ва меҳмонони шаҳри Кӯлоб дар сатҳи баланд баргузор гардид.

Сокинони шаҳр, аз ин рӯзҳои ободу осоиштаи кишвар шукргузор буда, дар фазои идона хунарнамоии кормандони ансамбли “Наво”-и донишгоҳро бо рақсу кафкӯбиҳои бардавом мухлисӣ намуданд.



# ШАНБЕГИИ ДАСТАҶАМЪОНА БАХШИДА БА 33-СОЛАГИИ ИСТИҚЛОЛИЯТ



Таърихи 7.09.2024 дар Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ бо мақсади таъмини иҷрои дастури Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати сазовор истиқбол гирифтани 33-юмин солгарди рӯзи Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, шанбегии дастаҷамъонаи ҳайати устодону кормандон, донишҷӯёну масъулини бахши хоҷагӣ дар доираи аксияи «ТОЗАГӢ БА ИСТИҚБОЛИ РӮЗИ ИСТИҚЛОЛИ ДАВЛАТӢ» ҷиҳати ободу зебо гардонидан ва тозаю озода нигоҳ доштани гирду атрофи биноҳои таълимӣ ва ҳудуди донишгоҳ гузаронида шуд.

Дар шанбегӣ ҳайати бисёрҳазорнафараи донишгоҳ фаъолона иштирок намуда, ба корҳои ободонӣ, аз қабили покиза намудани гулӯ буттаҳои ороишӣ, тозаву зебо нигоҳ доштани гирду атроф ва утоқҳои кории худ ва дигар корҳои ободонӣ машғул гардиданд.

Маврид ба зикр аст, ки чунин чорабиниҳои поксозию ободгардонӣ бо ибтикор ва ташаббуси раёсати донишгоҳ мунтазам ҷиҳати саҳмгузорӣ дар корҳои ободонӣ ва сабзу хуррамгардонии муҳити атроф доир карда мешавад

# БАРГУЗОРИИ МАҲФИЛИ МАТЕМАТИКОНИ ҶАВОН



Санаи 05.09.2024 дар факултети физика ва математикаи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ аввалин маҳфили “Математикони ҷавон” дар соли таҳсили 2024-2025 бо иштироки роҳбари маҳфил, омӯзгорон ва аъзоёни маҳфил баргузор гардид.

Нахуст, роҳбари маҳфил, муаллими калони кафедраи таҳлили математикӣ ва назарияи функсияҳо Кулобиев Мирзо суханронӣ намуда, маҳфилоро хусни оғоз бахшиданд.

Сипас, донишҷӯи курси сеюми ихтисоси математика Боймуродзода Хуршеда дар мавзуи “Мафҳуми функсияи ибтидоӣ ва интеграли номуайян” баромад намуд. Дар робитаи ба масъала миёни аъзоёни маҳфил мубодилаи афкор сурат гирифта, ҳар кадом таассуроти худро иброз намуда, баргузории чунин маҳфилҳоро дар роҳи тарбияи маънавию баркамолии мутахассисони оянда муҳим арзёбӣ карданд.

*Тоҷикам бо нури истиқлол шуд овозадор,*
*Шодмонам, мекунам бо номи некаш ифтихор. Н. Аюбӣ*

Анвори дониш
№6 (351), ЧОРШАНБЕ, 18.09.2024

# ИСТИҚЛОЛИЯТ ҶАШНИ СОҲИБДАВЛАТИСТ

Истиқлолият рамзи соҳибдавлатӣ, тантанаи адолат бар ҳаводиси таърих, омили саодати мардум ва нишони соҳибдавлативу соҳибватанист. Аз юмни ин дастоварди миллӣ таъмини зиндагии шоистаи мардум муяссар гардида, фазои Тоҷикистон чун мамлакати амнтарин дар рӯйи дунё шинохта шуд.

Ба ҳамагон маълум аст, ки дар давраи ба сари ҳокимият омадани Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар оғози солҳои 90-уми асри гузашта бо сабаби ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ Истиқлолияти давлатӣ ҷавони Тоҷикистон зери хатар қарор дошт. Маҳз бо иродаи сиёсӣ ва қаҳрамонии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, мухтарам Эмомалӣ Раҳмон оташи ҷанг дар кишвар хомӯш гашт, Истиқлолияти давлатӣ ҳифз гардид ва бинои давлатдории миллӣ шакл гирифт.




Воқеан ҳам Истиқлолият чун рамзи озодию яганагӣ ба мо тамоми имкониятҳоро фароҳам оварда, он чун хуршеди дурахшон роҳи ояндаи моро нуру зиё бахшид ва бахри амалӣ намудани ҳадафу мақсадҳои накӯ неруи тозаро эҳдо сохт. Маҳз бо пайки ин неъмати бебаҳо имрӯз кишвари моро дар арсаи байналмилалӣ мешиносанд ба тамоми дастовард ва фарҳангу тамаддуни гузаштаи мо арҷ мегузоранд.

Ин рӯйдоди таърихиву фараҳбахш воситаи асосии рушду нумӯи давлат ва муайянкунандаи сиёсати дохилию хориҷии ҳар кишвар аст. Истиқлол нишони ҳувият, ифтихор, номус, рамзи саодат ва шарти бақои миллат мебошад. Истиқлоли давлатӣ ба он мусоидат намуд, ки дар ҳаёти сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоиву фарҳангии кишвар комёбиҳои беназир ба даст оварда шаванд. Дар баробари ин, истиқлол дар назди миллати тоҷик рисолати бузургеро гузошт, ки муҳимтарини онҳо ташкили аркони давлати соҳибихтиёри миллӣ, таҳкими сулҳу субот, таъмини амнияти давлат ва ҷомеа, оғози равандҳои созандагиву бунёдкориҳо ва расидан ба сатҳи зиндагии шоистаи мардум мебошад.

Фараҳафзост, ки соҳибистиқлолӣ барои сарнавишти миллати тоҷик оғози марҳалаи сифатан нави рушд гардида, иҷрои вазифаи бисёр пурмасъулияти таърихӣ, яъне бунёди давлате ҷавобгӯ ба манфиатҳои халқу кишвар ва эҷоди аркони давлатдории муосирро фароҳам овард.

Дар ин ҷиҳат моро лозим аст, ки дар роҳи ҳифзи дастовардҳои соҳибистиқлолӣ ва таҳким бахшидану устувор нигоҳ доштани он аз худ масъулияту уҳдадорӣ нишон дода, бо таълиму тарбия ва баркамол расонидани насли худогоҳу ватандӯст бахри ояндаи дурахшони кишвари азиз саҳмгузор бошем.

*Шарифзода Одинамо- дотсент, декани факултети филологияи рус*

**"*Истиқлол неъмати бебаҳо, сарчашмаи саодат, бахту иқбол ва яке аз муқаддастарин дастоварди давлату миллати тоҷик дар марҳилаи нави давлатдорӣ ба ҳисоб меравад. Фараҳбахш аст, ки рӯзи Истиқлоли давлатӣ ҳамчун ҷашни муҳимми расмии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳамасола 9-уми сентябр дар саросари кишвар бо шукуҳу шаҳомати хосса ва тантанаҳои фарҳангӣ таҷлил мегардад. Таҷлили ин рӯзи саид ва гиромидошти хотираи фарзандони фарзона дар роҳи расидан ба ин рӯзи неку, ҳисси ватандӯстиву меҳанпарастиро дар замири насли наврасу ҷавони кишвар бедор намуда, онҳоро дар роҳи садоқат ба халқу миллат ва ҳифзи дастовардҳои фарҳангиву давлатдорӣ тарбия менамояд.*

# ОМИЛИ САОДАТИ МАРДУМ

Мусаллам аст, ки истиқлол роҳи имрӯзу ояндаи миллат ва пешрафти минбаъдаи кишвари азизамонро ба сӯйи ҷомеаи демократӣ, ҳуқуқбунёд ва дунявӣ муайян кард. Дарвоқеъ, ин дастоварди таърихӣ ва саодатбахш барои сарнавишти миллати тоҷик оғози марҳалаи сифатан нави рушд гардида, иҷрои вазифаи бисёр муҳимму пурмасъулияти таърихӣ, яъне эъмори давлати миллӣ, таҳкими пояҳои давлатдорӣ, бунёди давлати ҷавобгӯ ба манфиатҳои халқу кишвар ва эҷоди аркони давлатдории муосирро дар назди мардуми шарафманду сарбаланди тоҷик гузошт.

Мардуми шарафманди мо дар ин роҳи ниҳоят мураккаб, яъне бунёди давлати миллӣ ва ба мерос гузоштани мулки ободу озод аз ақлу хирад ва фарҳанги бурғановати гузашта истифода намуда, дар ин марҳила бо дастгирӣ, азму талош ва ғамхориву роҳнамоиҳои неку созандаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ- Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба ваҳдату суботи пойдор дар кишвар ба марҳилаи нави созандагию бунёдкорӣ қадам гузошт ва ба хотири пойдории Истиқлоли воқеии мамлакат дар бунёди як силсила иншооти тақдирсоз ва сохтмонҳои бузурги дорои аҳамияти умумидавлативу байналмилалӣ қадамҳои устувор гузошд, ки ин тадбирҳои созандагӣ пешомади кишварро дар дурнамои наздик муайян ва роҳнамой менамоянд.

Ин дастоварди муҳимми давлатдорӣ-Истиқлолу озодӣ ба наврасону ҷавонони мо имконият фароҳам овард, ки дониш, қобилият ва маҳорати хешро дар ҳамаи самтҳо инкишоф дода, чун насли воқеии гузаштаи фарҳангофар ба воя расида, Ватани худро дар арсаи байналмилалӣ муаррифӣ намоянд, пешсаф бошанд ва ба сӯйи ояндаи нек устуворона қадам гузоранд.

Дар марҳилаи нави давлатдорӣ ба даст овардани Истиқлолият муваффақияти бузург ва дар навбати худ мояи ифтихори ҳар яки мо шаҳрвандони Тоҷикистон аст, зеро бо шарофати соҳибистиқлолӣ кишвари азизи мо Тоҷикистон ба бунёди ҷомеаи демокративу ҳуқуқбунёд ва шаҳрвандиву озод шарафёб гардид ва фазои мусоидро барои зиндагии шоиста фароҳам овард. Мардуми шарифи кишвар бо ба ҷо овардани шукронаи Истиқлол, ҷиҳати ободии диёр, шукуфоии Ватан, таҳкими Истиқлоли кишвар, баланд бардоштани обруву нуфузи Тоҷикистони камари ҳиммат бастаанд. Ин музаффарияту шарафмандиҳо маҳз самари сиёсати хирадмандона ва роҳнамоиҳои оқилонаи Пешвои муаззами миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон барои мо муяссар гардид. Дар ин роҳи шарафманди мо омӯзгорони ҷавон дар пайравӣ аз сиёсати созандаи Пешвои худ бар он мекӯшем, ки Истиқлол чун нишонаи озодию худшиносӣ, эҳёи давлату давлатдорӣ, рушду тараққии ҷомеаи башарӣ ва ҷашни шукуфоии кишвари куҳанбунёду маҳбуби мост, то абад поянда ва Тоҷикистони азиз дар ҷомеаи ҷаҳонӣ пешрафтаву мутараққӣ шинохта шавад.

*Нозимова Ибодатхон-ассистенти кафедраи география ва сайёҳӣ*

# ДУРАХШИ ИСТИҚЛОЛИ МИЛЛАТ

***Истиқлоли давлатӣ бузургтарин ва муқаддастарин неъмат, нишони олии ҳувият, ифтихор ва номуси ватандорӣ, рамзи ҳастии миллати бостонӣ ва соҳибихтиёру соҳибдавлати тоҷик ва асоси хушбахтиву сарбаландии Тоҷикистон мебошад***

***Эмомалӣ Раҳмон***

Пас аз соҳибистиқлол гардидани кишвари маҳбубамон- Тоҷикистони азиз, равобити илмию фарҳангӣ ва иқтисодию сиёсӣ бо ҷомеаи ҷаҳон ва ҳамкориҳои байналмилалӣ бо мамлакатҳои гуногуни олам маҷрои нав пайдо карда, андешаи миллии мардум дар заминаи асолати таърихӣ, арзишҳои маънавӣ, мероси фарҳангӣ рушди фарогир ва беқиёс ёфт. Дар партави сиёсати хирадмандонаю фарҳангпарваронаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон-Пешвои муаззами миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва ташаббусҳои ҷаҳонии ин шахсияти таърихӣ халқи тоҷик дар ҷаҳон дубора ҳамчун миллати баору номус, илмдӯсту фарҳангпарвар ва тамаддунофар шинохта ва эътироф гардид.

Истиқлолияти давлатӣ барои миллати тоҷик дастоварди бебаҳо ва ниҳоят муҳиму нодиртарин рӯйдоди сарнавиштсоз махсуб меёбад.



Истиқлолияти миллӣ барои рушду нумуи Тоҷикистони озоду рӯ ба тараққӣ ниҳода, гардиши куллӣ ба миён овард ва марҳилаи сифатан нави таърихиро роҳандозӣ ва амалӣ намуд. Ин падидаи нави таърихӣ ба беҳтаргардӣ ва ба маротиб болоравии сатҳу сифати зиндагии мардуми меҳнатдӯсту бофарҳанги мо гардид. Маҳз Истиқлолият буд, ки тоҷикон ба тоҷикистониён ба ҳаёти озоду осоишта мушарраф гардида, ҳаёти осудаву оромонаро пушти сар карда истодаанд.

Истиқлолияти давлатӣ неъмати бузург ва бебаҳост барои миллати тоҷик ва ҳифзу побарҷо нигоҳ доштани он вазифаи ҳар як сокини солимақли кишварамон махсуб меёбад.

Дар роҳи расидан ба қадри ин неъмати бебаҳо ва ҳифзи дастоварду нишондодҳои он иҷрои вазифаву омилҳои зиёд дар назди ҷомеаи фарҳангӣ меистад ва номгӯи зер аз зумраи онҳо хоҳад буд:

1.Дар шуури ҳар як сокини кишвар, хосатан, насли наврасу ҷавон ташаккул додани хислатҳои ҳамида, аз ҷумла, худшиносию худогоҳӣ, ватандӯстию ватанпарварӣ, ҳисси муҳаббати бепоён ба Ватан, ба Тоҷикистон азиз;

2.Оштинопазирӣ ба ҳизбу ҳаракатҳои ифротӣ ва андешаву амалҳои номатлуб;

3.Ба макру ҳиллаҳои кӯрдилону нотавонбинони дохилию хориҷӣ бовар накардану тибқи ақли солим амал кардан;

4.Дӯст доштани Ватан ба ҳар як ваҷаб сарзамини онро ба ҷон харидан ва дар ҳифзи он омода будан.

Имрӯзҳо шароити мураккабу ниҳоят печдарпечи ҷаҳони муосир аҳли башарро дар ташвиш гузоштааст ва шаҳодати ин гуфтаҳо воқеаҳои фоҷиавии як қатор кишварҳои дунёи кунунӣ, бахусус, мамлакатҳои Шарқ маҳсуб меёбанд. Мо, сокинони Тоҷикистони озод вазифадорем, ки тавассути сарҷамъию якдилӣ ва ғолиб омадани ақли солиму гирду ҷаҳди ватандӯстонаи ҳар як фарди бедор-истиқлолияти Ватани азизамонро аз ҳангомаҷӯёну дасисабозон ва нотавонбинону бадгӯёни душманони хориҷиамон ҳимоя намоем ва нагузорем, ки ба киштзори мо хуке сар халонад.

Ҳифзу нигаҳбонӣ ва рушду абадияти истиқлолияти ба мо мушаррафгардида вазифаи аввалиндараҷаи ҳар яки мост. Ҳамчунин, ҷаҳд бар он намоем, ки давлати соҳибихтиёру рӯ ба шукуфоӣ овардаамонро пешрафта гардонем ва дар қатори ба давлатҳои абарқудрат ҷойгузин шудани он ҳиссагузор бошем.

Тавассути расонаҳои хабарӣ огаҳем, ки як қатор мамлакатҳои олам ба зулму асорат ва таҳдиду хатарҳои нав гирифтор гаштаанд. Албатта, дар ин беадолатию поймол кардани ҳуқуқҳои инсонии ин кишварҳо рушду ривоҷ ёфтану вусъат гирифтани фаъолияти гурӯҳҳои экстремистию террористӣ боис мегардад. Гурӯҳҳои экстремистию террористӣ, бешубҳа, амнияту оромии кишварҳоро халалдор карда, ҳатто оромию осудагии як қатор давлатҳоро аз байн бурда, ҳуқуқҳои онҳоро ба пуррагӣ поймол кардаанд ва поймол карда истодаанд.

Аз ин лиҳоз, нигоҳ доштани оромии кишвар, рушду нумуи он, тақвият додани дӯстии байни миллатҳои сарзаминамон ва дигар мамолики озодихоҳ, тақвияти ваҳдату ҳамдигарфаҳмии аҳли сокинони Тоҷикистони азиз ва ҳифзи истиқлолияти давлатӣ вазифаи аввалиндараҷаи ҳар як сокини баору номуси ватанамон мебошад.

Гузашта аз ин, он дастовардҳое, ки дар даврони соҳибистиқлолӣ ба даст овардем, дар ягон аср ба ин гуна комёбиҳо ноил нагардида будем. Муваффақияту дастовардҳои даврони соҳибистиқлолӣ беқиёсу бешуморанд ва ин ҳама сарбаландиҳо ва шуҳрати ҷаҳонӣ ёфтани Тоҷикистони азизамон, албатта, тавассути ҷидду ҷаҳд ва саъю кӯшишу заҳматҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба мо насиб гаштааст.

Бо иқдому ташаббус ва маслиҳату машваратҳои Сарвари кишвари Тоҷикистони соҳибистиқлоламон дар як муддати хеле кӯтоҳи таърихӣ, ки ин адад дар солшумории таърих ҳеҷ аст, ба дастовардҳои беназири сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ ноил гардида, дар арсаи байналмилалӣ шуҳрати хосса пайдо намуд.

Дар даврони соҳибистиқлолӣ тавассути сиёсати хирадмандонаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон - Пешвои муаззами миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва ташаббусҳои ҷаҳонии ин шахсияти таърихӣ миллати тоҷикро ҷаҳониён ҳамчун миллати таърихи қадимдошта ва тамаддунофар шинохтанду эътироф намуданд.

Марбут ба ин масъала Пешвои муаззами миллат ҳанӯз соли 2005 дар Паёми хеш оварда буданд: «Мо имрӯз ифтихор дорем, ки тоҷикон аз ҷумлаи қадимтарин миллатҳои ҷаҳон буда, бо осори гаронбаҳои моддӣ ва маънавии худ барои пешрафти фарҳанг ва маънавиёти халқҳои дигар хизмати шоиста кардаанд. Бо ибораи, дигар тоҷикон маҳз аз файзу баракати ҳамин арзишҳову анъанаҳои аҷдодӣ тавонистанд, ки ҳам ҳастии худро нигоҳ доранд ва ҳам дар минтақаи Осиё нақши тамаддунсозиро бозида, дар радифи қадимтарин миллатҳои дунё ҷой гиранд ва худро дар оламиён ҳамчун миллати фарҳангӣ муаррифӣ намоянд».

Ҳифзи истиқлолияти миллӣ вазифаҳои муқаддаси ҳар як фарди кишварамон бояд бошад. Чунин мамлакати озоду соҳибҳуқуқу соҳибистиқлолро ҷаҳониён ёд надоранд. Хоҳони онем, ки хуршеди Истиқлоли давлатӣ дар сарзамини тозабунёди мо абадӣ нурпошӣ намояд ва хонаи ҳар як сокини онро мунаввар гардонад.

*Абдуҷаббори Сафаралӣ - ҷонишини декан оид ба таълими факултети омӯзгорӣ ва фарҳанг*

# НИЁГОНИ ТОҶИК – ВАССОФИ ИЛМУ ДОНИШ

Ниёгони тоҷик, пеш аз ҳама, дар мисолҳои васфи илму дониш, хирад, таҷрибаи рӯзгор, ифодаи худро ёфтаанд. Дар таълифоту эҷодиёти худ ба масъалаи тарбияи инсони меҳнаткарин, донандаи соҳаҳои илм, ба ташаккули шахсияти ҳаматарафа инкишофёфта аҳамияти зиёд додаанд. Ба ақидаи онҳо барои хуб кор кардан ва маҳсулоти хушсифат баровардa тавонистан инсон бояд дониши мукаммал дошта бошад, асосҳои илмии касби худро нағз донад.

Илм қувваи асосии ҳаракатдиҳандаи ҷамъият, кафили боэътимоди шукуфоии мамлакат ва некӯаҳволии инсон мебошад. Маҳз аз ҳамин сабаб ниёгони тоҷик дар ашъори худ аҳамияти илмро ба таври махсус қайд мекунанд, онро дар маддиаввал мегузоранд, дар ҳаёти ҳар як инсон ва ҷамъият нақши ҳалкунанда доштани илмро таъкид менамоянд ва аз ин лиҳоз дар шеърҳояшон на фақат ҳамчун вассофи илму дониш, балки ҳамчун тарғиботчии бузурги ғояҳои асосии оини илму дониш баромад мекунанд. Дар миёни мутафаккирони барҷаста, Камолиддини Биноӣ дар ашъори худ ба васфи илм диққати зиёд додааст. Ӯ дар баҳои умумии худ ба илм ҳарчанд бо шоирони пешин ҳамфикр бошад ҳам, вале дар айни замон баъзе махсусиятҳои худро низ дорад. Ин фарқият пеш аз ҳама дар он зоҳир мегардад, ки Биноӣ ба мисли шоирони гузашта ҷавононро нафақат ба омӯхтани илм даъват мекунад, балки дар айни замон се шарти асосиро мушаххас нишон медиҳад, ки риояи онҳо инсонро ба одамият даъват менамояд:

- Шарти аввал-аҳамияти илму дониш дар ҳаёти инсон;
- Шарти дуюм-шароитҳои ба дастоварии илму дониш;
- Шарти сеюм-алоқаи илму дониш бо фаъолияти амалии инсон.

Дар тасвири шарти аввал Биноӣ таъкид менамояд, ки маърифати инсон танҳо ба шарофати илму дониш кашф мегардад. «Илму дониш, мегӯяд шоир, заҳри одамро шуста, барои аз ҷаҳолат, нодонӣ халос шудан ёрӣ мерасонад. Ба қавли Биноӣ маҳорати сухангӯӣ низ аз илму дониш вобаста аст. Илму дониш ба ақидаи ӯ нафақат калиди одамият, балки чашмаи хушкнашавандаи инсонӣ мебошад. Адиб низ ба монанди шоирони пешин дар бораи илму дониш, дар бораи касб сухан ронда, таъкид менамояд:

***Эй бародар ба касби илм гарой,***
***Пой бар ҷаҳд нех, ба илм дарой!***

Илм дар тасаввури Биноӣ боигарии одам, номи ҳамешазиндаи ӯст. Боқӣ ҳама обест дар сабад, ҳамин ки бардоштӣ дар он чизеро намебинӣ:

***Ҳаст илм, он чи боқии абад аст,***
***Ҳарчи ҷуз илм, об дар сабад аст.***

Биноӣ дар тавсифи илм миёни илмҳои динӣ ва дунявӣ фарқиятеро намебинад. Ӯ таъкид мекунад, ки миёни илмҳо фарқиятҳои иҷтимоӣ набояд бошанд. Илм ба ҳама табақаҳои ҷамъият баробар хизмат мекунад:

***Бо бузурге, ки илм ёр шавад,***
***Дар бузургӣ яке ҳазор шавад.***
***В-аз раҳи илм ҳар фурӯмоя,***
***По ниҳад бар баландии поя.***

Биноӣ дар айни замон таъкид мекунад, ки ба даст овардани илм чандон осон нест. Барои ин инсон бояд душвориҳо, маҳрумиятҳоро аз сар гузаронад, монда нашуда меҳнат кунад, дар роҳи ба даст овардани он устувор бошад. Ба ақидаи Биноӣ одам то охири умраш бояд дар ҷустуҷӯи илм ва дониш бошад:

***То бувад ҷон даруни тан, зинҳор,***
***Зи иктисоби улум даст мадор!***

Биноӣ дар таълимоти педагогии худ шаш шарту шароити асосии ба даст овардани илму донишро нишон дода, он шарту шароитҳоро-талаб ва кӯшиш дар ин роҳ, самаранокии вақт, ҳиммат, даст кашидан аз коҳилӣ, ҳурмати илму устоду китоб ва ҳалолкорӣ медонад. Адиб дар таълифоти худ ба ин ҷиҳатҳо таваҷҷуҳи хосса зоҳир намуда, таъкид менамояд, ки одами роҳи илму донишро интихоб намуда бояд бо комёбиҳои ба дастовардааш маҳдуд нашуда, шабу рӯз дам нагирифта меҳнат кунад, дониши худро дар касбу ҳунараш мунтазам такмил диҳад. Зеро пайваста такмил додану касби илм намудан омили муваффақияту сарфарозӣ хоҳад буд:

***Ҷаҳду ҷид карда дар талаб будӣ,***
***Аз талаб лаҳзае наёсудӣ...***

Мавзуи илму дониш ва нақши он дар ҳаёти инсон, ҷамъият, алоқаи илм бо амал, бо фаъолияти меҳнатии инсон дар таълифоти адиб мавқеи устуворро ишғол мекунад. Дар маънидодкунии ин ҷиҳати илму дониш шоир давомдиҳандаи пешгузаштагони худ мебошад. Дар охири насиҳатҳояш Биноӣ аз ҷавонон даъват ба амал меорад, ки дар роҳи илмомӯзӣ пайваста талош намоянд ва илми худро аз амал ҷудо накунанд, зеро илми бе амал қимат надорад:

***Илми худро макун ҷудо зи амал!***
***Ки бувад корсоз илму амал.***
***Илм агар бо амал нагардад ёр,***
***Ҳеҷ чизе зи илм чашм мадор.***

***Абдусаттор Ғафоров-н.и.п., муаллими калони кафедраи таҳсилоти томактабӣ ва кори иҷтимоӣ***

# ТАНЗИМИ ҲУҚУҚӢ ВА ҲИФЗИ ҲУҚУҚУ ОЗОДИҲОИ ҚУРБОНИЁНИ САВДОИ ОДАМОН

Ҷараёни таърихи пайдоиш ва рушди миллати тоҷик пур аз сарчашмаҳои таърихӣ-ҳуқуқие мебошанд, ки гувоҳӣ аз мавҷудият ва татбиқи ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон дар саросари ҳудудҳои таърихии он медиҳад. Вобаста ба ин, таърих имконияти дигари таъсиси давлати тозабунёди миллати тоҷикро бо ташаббуси бевоситаи фарзандони бонангу номуси кишвар, қабл аз ҳама Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дод. Баъди ба даст овардани Истиқлолияти миллӣ дар баробари дигар проблемаҳои мубрами давлатдорӣ дар кишвар масъалаи танзими сохтори давлатдорӣ ва ҳуқуқии муносибатҳои мухталифи ҷамъиятӣ пеш омад.

Аввалин қадамҳое, ки дар таърихи навини давлатдории тоҷикон дар ин самт гузошта шуд, ин қабули Эъломияи Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва баъдтар нахустин санади олии ҳуқуқӣ Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Баъд аз қабул ва амали санадҳои мазкур раванди эътирофи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун субъекти мустақили муносибатҳои байналмилалӣ оғоз шуда, кишвар мо вориди чандин ташкилотҳои хусусияти универсалӣ, минтақавӣ ва байниминтақавӣ гардид.

Бо мақсади танзими муносибатҳои гуногуни ҷамъиятӣ ва ба талаботи санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ мувофиқат намудан қабули як қатор санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ рӯи кор омад, ки ҳоло ҷараёни бемайлони онҳо идома ёфта истодааст. Вобаста ба ин, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба проблемаҳои глобалии инсоният таваҷҷӯҳи махсус зоҳир намуда, дар ҳалли якчанд масъалаҳои он иштирок карда, таклифу пешниҳодоти худро манзур намудааст, ки ҳоло амали онҳоро мушоҳида кардан мумкин аст. Чунин як масъалаи муҳим, ки дар баробари ҷиноятҳои трансмиллӣ, ки ба як проблемаи глобалӣ табдил ёфтааст, ин савдои одамон ва қурбониёни он мебошанд.

Вазъи кунунӣ дар ин самт дар ҷаҳони имрӯза дар ҳолати ногувор қарор дорад. Барои мисол, агар дар давоми чор асри ғуломдорӣ гардиши савдои одамон аз 12 миллион зиёд нашуда бошад, пас дар давоми 30 соли охир танҳо дар қитъаи Осиё шумораи занону кӯдакон, ки ба асорати шаҳвонӣ фурӯхта шудаанд, ба 30 миллион нафар расидааст. Тибқи маълумоти Департаменти давлатии ИМА, ҳамасола дар ҷаҳон зиёда аз 700 ҳазор нафар одамон фурӯхта ва тавассути сарҳадҳои давлатӣ интиқол дода мешавад. Аз рӯи баҳодиҳии созмони ғайриҳукуматии байналмилалии Anti-Slavery International дар ҷаҳон зиёда аз 27 миллион одамон ба таври воқеӣ ғулом мебошанд. Мувофиқи ҳисоботи СММ ҳамасола беш аз 4 миллион нафар одамон дар саросари ҷаҳон барои иҷрои корҳои маҷбурӣ аз сарҳадҳои кишварҳои дигар гузаронида шуда, ин фаъолият ба синдикатҳои ҷинояткорона соле хариду фурӯши одамон баробари хариду фурӯши маводи нашъаовар ва яроқ барои гурӯҳҳои муташаккили ҷинояткор фаъолияти бештар даромаднок ва нисбатан бехавф махсуб меёбад.

**Дар кишвари мо бо мақсади ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд тамоми санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ дар ин самт қабул шуда, мавриди амал қарор доранд, аз ҷумла Тоҷикистон ба Конвенсия дар бораи ҳуқуқи кӯдак, ки бо қатъномаи Ассамблеяи Генералии СММ аз 20 ноябри соли 1989 қабул гардидааст, Конвенсияи Созмони Милали Муттаҳид оид ба мубориза ба муқобили хариду фурӯши одамон ва истисмори онҳо барои фоҳишагарӣ аз тарафи шахсони сеюм аз 2 декабри соли 1949, Протоколи факултативии Конвенсия дар бораи ҳуқуқи кӯдак, ки бо иштироки кӯдакон дар муноқишаҳои мусаллаҳона бахшида шудааст, Протоколи факултативии Конвенсия дар бораи ҳуқуқи кӯдак марбут ба савдои кӯдакон, фоҳишагарии кӯдакон ва порнографияи кӯдакона ва Конвенсияи Ташкилоти Байналмилалии Меҳнат (ТБМ) «Дар бораи манъ намудан ва тадбирҳои фаврӣ оид ба рафъи шаклҳои бадтарини меҳнати кӯдакон» аз 13 декабри соли 2000 ҳамроҳ шуд. Ҷиҳати иҷрои талаботи ин санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ ва қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи ҳимояи ҳуқуқи ноболиғон бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 7 сентябри соли 2001 № 423 Комиссияи миллии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ҳуқуқи кӯдак таъсис дода шуд. Ҳамчунин аз ҷониби Ҳукумати кишвар Нақшаи миллии фаъолият дар ин самт қабул шуда, мавриди амал қарор дорад.**

Бо тасдиқ намудани чунин санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ Тоҷикистон сараввал се иқдоми бунёдиеро амалӣ намуд. Яке аз ин иқдомҳо таҳия ва қабул гардидани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мубориза бо муқобили хариду фурӯши одамон» ва маротибаи дуюм Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муқовимат ба савдои одамон ва расонидани кумак ба қурбониёни савдои одамон» 26 июли соли 2014 №1096 мебошад.

Иқдоми дуюм он буд, ки Маҷлиси Олии кишвар ба баъзе аз санадҳои меъёрии ҷумҳурӣ, аз ҷумла Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо дарназардошти «Протокол оид ба пешгирӣ ва рафъи хариду фурӯши одамон, хусусан занону кӯдакон ва ҷазо барои он» ва «Протоколи зидди ворид кунии ғайриқонунии муҳоҷирон тавассути хушкӣ, обӣ ва ҳавоӣ» (илова ба Конвенсияи Созмони Милали Муттаҳид зидди ҷинояткории муташаккили трансмиллӣ), ки аз ҷониби Ассамблеяи Генералии Созмони Милали Муттаҳид аз 15 ноябри соли 2000 қабул шуда, Ҷумҳурии Тоҷикистон онро 29 майи соли 2002 тасдиқ кардааст, тағйиру иловаҳои дахлдор ворид намуд. Чунончӣ, дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 августи соли 2003, таҳти № 33 ба Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон моддаи нав- 1301 (Хариду фурӯши одамон) илова карда шуд. Ғайр аз ин, як қатор меъёрҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ низ такмил дода шудаанд, ки онҳо то андозаи муайян ба хариду фурӯши одамон алоқаманданд. Ба ин мисол шуда метавонад- моддаи 339 (Тасарруф ё вайрон кардани ҳуҷҷат, штамп, мӯҳр, қисми 3-агар бо мақсади хариду фурӯши одамон содир шуда бошад) ва моддаи 340 (Сохтакорӣ, тайёр кардан ё ба соҳибияти каси дигар додани ҳуҷҷат, мукофоти давлатӣ, штамп, мӯҳр ва бланкаҳои қалбакӣ, қисми 3- агар бо мақсади хариду фурӯши одамон содир шуда бошад) Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ба онҳо қисмҳои се бо мазмуни болоӣ ворид карда шуданд.

Иқдоми сеюм ин қабули «Барномаи маҷмӯии мубориза ба муқобили хариду фурӯши одамон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2006-2010» аз 6 майи соли 2006, таҳти № 213 мебошад.

Тибқи санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии болозикр «Савдои одамон-хариду фурӯши одам ва ё нисбат ба ӯ анҷом додани дигар аҳдҳои ғайриқонунӣ, ҳамчунин новобаста аз розигии қурбонӣ бо мақсади истисмори ӯ ё бо дигар тарз гирифтани фоидаи ғайриқонунӣ пешниҳод намудан, ҷалб кардан, интиқол, пинҳон кардан, супоридан ё гирифтани одам бо истифодаи маҷбуркунӣ, рабудан, фиреб, сӯиистифода намудани гунаҳгор аз вазъи хизматии худ, сӯиистифода аз боварӣ ё ҳолати оҷизии қурбонии савдои одамон ва ё ришвадиҳӣ ба шахсе, ки қурбонӣ таҳти вобастагии ӯ қарор дорад» ва ё «Қурбонии савдои одамон – шахси воқеии аз савдои одамон зарардида, аз ҷумла ба савдои одамон ҷалбшуда ё дар вазъияти ноилоҷӣ нигоҳдошташаванда, новобаста аз вазъи мурофиавии ӯ, инчунин мавҷуд будан ё набудани розигии ӯ ба пешниҳод намудан, ҷалб кардан, интиқол, пинҳон кардан, супоридан, фурӯш, истисмор ва дигар ҳаракатҳое, ки ба савдои одамон вобастаанд».

Ҷинояти савдои одамон ба ҷамъият хавфнокии махсус дошта, ба ҷиддан поймол кардани ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд равон шуда, дорои ҷузъҳои таҳдид нисбат ба амнияти миллӣ ва таҳриби суботу устувории вазъи иҷтимоӣ-иқтисодии давлат мебошад.

Бо вуҷуди он, ки қонунгузории амалкунанда савдои одамон ва истисмори онҳоро бо таҳдиди татбиқи ҷазои ҷиноятӣ манъ карда, ин кирдорҳоро ҷиноят эътироф намуда бошад, ҳам аз таҷрибаи судӣ ба назар мерасад, ки ҳоло ҳам шахсони алоҳида ба содир кардани ин амалҳои ҷинояткорона ва нанговар даст мезананд. Вобаста ба ин, мақомотҳои ваколатдори ҳифзи ҳуқуқ фаъолияти хешро дар ин самт пурзур намуда, баҳри пешгирӣ ва муқовимат ба савдои одамон корҳои зиёдеро ба анҷом мерасонанд.

Бо дарназардошти он, ки тибқи талаботи санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ вазифаи субъектҳои давлатие, ки бевосита муқовимат ба савдои одамонро амалӣ менамоянд ба ҳифзи ҳуқуқ, озодии инсону шаҳрванд, манфиати давлат, ташкилоту муассисаҳо, қонунияту адолат равона гардидааст, мебояд субъектҳои дигари давлатии амаликунандаи муқовимат ба савдои одамон фаъолияти худро дар ин самт ҷоннок намоянд ва саҳми худро дар пешгирӣ ва муқовимат ба савдои одамон ва расонидани кумак ба қурбониёни савдои одамон гузоранд.

***Назаров Бахтиёр-сардори шуъбаи таъминоти ҳуқуқии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ***

## ЭЪТИБОР НАДОРАД

Дафтарчаи имтиҳонотие, ки соли 2022 Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ ба донишҷӯи курси 2-юми факултети физика ва математика Бегматов Фозилҷон (таҳсилоти рӯзона) додааст бинобар сабаби гум шуданаш аз эътибор соқит дониста шавад.

******

Дафтарчаи имтиҳонотие, ки соли 2022 Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ ба донишҷӯи курси 2-юми факултети физика ва математика Ҷаборзода Садриддин (таҳсилоти рӯзона) додааст бинобар сабаби гум шуданаш аз эътибор соқит дониста шавад.

*Озодӣ иҷрои ҳамаи корҳост, ки қонун иҷозат додааст.*
*Ш. Монтескё*

Анвори дониш
№6 (351), ЧОРШАНБЕ, 18.09.2024

**Мехоҳам ба устодону омӯзгорони муҳтарам хотиррасон намоям, ки ба касби интихобкардаи худ завқ дошта бошанд, онро сидқан дӯст доранд, иродаи қавӣ ва сатҳи баланди касбият дошта бошанд ва бо рафтору кирдори неку намунавӣ эҳтироми боз ҳам бештари аҳли ҷомеаро ба даст оваранд.**

*Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон*
*муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон*

# БА РӮЗНОМАИ ХУД ОБУНА ШАВЕД!

**Хонандаи гиромӣ! Ҳайати эҷодии рӯзномаи «Анвори дониш» тасмим дорад, ки соли таҳсили 2024-2025 рӯзномаро ба таври мунтазам ва дар ҳаҷми 16 саҳифа бо фарогирии беҳтарин мавод дар бахшҳои гуногуни ҳаёти донишгоҳ ва ҳаводиси ҷолиби хориҷ аз он ба нашр расонанд. Он бо навиштаҳои рангину пурмуҳтавои худ ҳамрозу дамсоз ва ёвару роҳнамои аҳли донишгоҳ хоҳад буд. Ба нашрияи маҳбуби хеш «Анвори дониш» обуна шавед, бо он ҳамкорӣ кунед ва баҳри ҷолибу хонданбоб гаштани ҳар як шумораш бо навиштаҳои хеш ҳиссагузорӣ намоед.**

**Тавассути телефонҳои зерин бо мо ҳамеша дар тамос бошед: (83322) 2-30-08, 988-12-32-34**



ЗИНАТИ ИНСОН СЕ ЧИЗ АСТ: ИЛМ, МУҲАББАТ ВА ОЗОДӢ

АНВОРИ ДОНИШ

E-mail: anvor.donish@kgu.tj Нашрияи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ
www.anvor.tj №5 (350) 7-уми июни соли 2024, ҷумъа (оғози нашр: соли 1994)

ҲЕҶ ГАНҶЕ НЕСТ АЗ ФАРҲАНГ БЕҲ
С. 7

ОН ИЛМ ТАЛАБ, КИ СУДМАНД АСТ

МУЪҶИЗАҲОИ ЗИНДАГӢ
С. 14

КОСТАШАВИИ ПАЙВАНДҲОИ ОИЛАВӢ...
С. 15

ХАБАРҲО

СУХАНРОНӢ ДАР МУЛОҚОТ БО АҲЛИ ИЛМ ВА МАОРИФИ КИШВАР

**Муҳтарам олимону донишмандон!**
**Ҳозирини гиромӣ!**

Аз вохӯрии мо бо аҳли зиёи кишвар чор сол сипарӣ гардид.

Имрӯз тасмим гирифтем, ки натиҷаҳои мулоқоти қаблӣ, ҳолати кунунии рушди илм ва дурнамои он, масъалаҳои баланд бардоштани сатҳи омӯзиши илмҳои табиӣ ва риёзӣ, ташаккули тафаккури техникӣ, дастгирии ташаббусҳо дар самти ихтироъкорӣ, инчунин, сифат ва самаранокии тарбияи кадрҳои илмиро дар кишвар баррасӣ намоем.

Мо бояд донем, ки тайи солҳои соҳибистиқлолӣ илми ватанӣ дар масири пешрафти давлат ва иқтисодиёту иҷтимоиёти мамлакат чӣ хизмате анҷом дод.

Ва мо чӣ тадбирҳое бояд андешем, ки илм дар кишвари мо ба талаботи замони тараққиёту таҳаввулоти зеҳниву технологӣ ҷавобгӯ бошад, роҳро барои рушду пешравии давлат ва ҷомеа ҳамвор созад, яъне ба давлат ва халқи Тоҷикистон хизмат намояд.

бузурги зеҳнии ҷомеа дониста, ба мақсади пешрафти ҳамаҷонибаи он ва беҳтар гардонидани шароити иҷтимоии кормандони соҳаи илм ҳамаи имкониятҳоро муҳайё намудааст.

Тавре дар паёми навбатӣ таъкид карда будам, рушди иқтисодиёт ва тақвияти рақобатнокии он бе саҳми сармояи инсонӣ ғайриимкон мебошад.

Бо дарназардошти аҳаммияти ин масъала, мо мақому манзалати илм, олимону донишмандон, аҳли маориф ва зиёиёни эҷодкорро дар ҷомеа аз нигоҳи иҷтимоӣ, маънавӣ ва молиявӣ давра ба давра баланд бардоштем.

Зеро дар ҷаҳони муосир танҳо кишварҳое метавонанд ҳастии худро ҳифз карда, рушд ёбанд, ки шаҳрвандонашон дорои сатҳи баланди саводнокӣ ва маърифату фарҳанг, илмдӯсту донишманд ва соҳибҳунар бошанд.

Мову шумо дида истодаем, ки имрӯз кишварҳои мухталифи дунё бар пояи илму дониш, ихтироъкориву истеҳсол ва истифодаи техникаву технологияҳои муосир чӣ гуна

## СОЛРӮЗ ХУҶАСТА БОД!

Раёсат, ҳайати профессорону устодон, кормандон ва донишҷӯёни Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, инчунин ҳайати эҷодии рӯзномаи «Анвори дониш» омӯзгорон ва кормандони зерини донишгоҳро, ки дар моҳи сентябри солиёни гуногун таваллуд шудаанд, табрику таҳният гуфта, аз даргоҳи Яздон барояшон тансиҳатӣ, умри бардавом, сари баланд, тани неруманд ва дар кору фаъолияташон комёбиҳои беназирро таманно доранд. Бигузор ҳамеша чун кӯҳҳои Помир сарбаланд, чун Рӯдакӣ хушбаён, чун Саъдӣ дарозумр, чун Ҳофиз шуҳратманд ва чун Ҷомӣ хоксор бошед! Ҳеҷ гоҳ бахт ва Хизр кошонаи шуморо тарк насозанд! Мисли гулҳои баҳорӣ, ки ҳама саросар зебо ҳастанд, зебо бимонед. Хушиву хурсандӣ, ки беҳтарин ҳамсафари инсонанд, доим ҳамсафаратон бод!

Бигузор дар умратон баракат ва дар касбатон муваффақият пайваста амалӣ гардад.

*1. АБДУЛЛОЕВ МАҲМУД, 01.09.1948, д.и.т., профессори кафедраи таърихи халқи тоҷик;*
*2. АЗИЗОВА НИЗОРАМО, 01.09.1967, ассистенти кафедраи биология ва методикаи таълими он;*
*3. ГАДОЕВ ЗОКИР, 01.09.1980, сардори раёсати молия ва муҳосиботи донишгоҳ;*
*4. НОСИРОВА ОЛАМБӢ, 01.09.1986, мудири шуъбаи умумӣ;*
*5. ШАРИФОВ БАХТОВАР, 01.09.1988, н.и.п., мудири кафедраи таҳсилоти томактабӣ ва кори иҷтимоӣ;*
*6. КАМОЛОВ ШОДМОНҶОН, 06.09.1991, доктори фалсафа (PhD), муовини сардори раёсати таълим;*
*7. ШАРИПОВА ГУЛБУТА, 06.09.1974, мутахассиси бойгонӣ;*
*8. НУРОВА ОЗОДА, 09.09.1980, ассистенти кафедраи забонҳои хориҷӣ;*
*9. СУЛТОНОВ ИСМОИЛ, 09.09.1988, муаллими калони кафедраи тарбияи ҷисмонӣ ва методикаи таълими он;*
*10. АСОЕВ ИЛҲОМ, 12.09.1980, доктори фалсафа (PhD) аз рӯи ихтисоси иқтисодиёт, муаллими калони кафедраи назарияи иқтисодӣ;*
*11. ДАВЛАТОВ РАҲМОНАЛӢ, 12.09.1990, н.и.п., сардори МБТТФ;*
*12. САИДОВ ПАРВИН, 12.09.1985, муаллими калони кафедраи тарбияи ҷисмонӣ ва методикаи таълими он;*
*13. ТАЛБАКОВ ЛУТФУЛЛО, 12.09.1985, ассистенти кафедраи менеҷмент ва маркетинг;*
*14. ИСОЕВА ДИЛОРОМ, 13.09.1969, н.и.п., мудири кафедраи психология;*
*15. РОЗИҚОВ ТОЛИБШОҲ, 13.09.1996, ассистенти кафедраи фанҳои гуманитарӣ ва методикаи таълими онҳо;*
*16. ДАВЛАТОВА ФАРОҒАТ, 14.09.1985, н.и.ф., муаллими калони кафедраи забоншиносӣ ва таърихи забон;*
*17. САЛИХОВА ЛУТФИЯ, 14.09.1969, муаллими калони кафедраи адабиёти хориҷӣ ва МТЗАР;*
*18. САДУЛЛОЕВА АНОРБӢ, 15.09.1965, лаборанти кафедраи методикаи таълими физика ва технологияи маводҳо;*
*19. СУФИЕВ ХАЙРИДДИН, 17.09.1992, ассистенти кафедраи методикаи таълими информатика;*
*20. РИЗОЕВА РАЪНО, 20.09.1968, танзимгари факултаи филологияи тоҷик ва журналистика;*
*21. ҒАФОРОВ АБДУСАТТОР, 21.09.1953, н.и.п., муаллими калони кафедраи таҳсилоти томактабӣ ва кори иҷтимоӣ;*
*22. МИРЗОЕВА ЗУЛФИЯ, 21.09.1980, муаллими калони кафедраи забонҳои хориҷӣ;*
*23. ИМОМОВ ЗАФАРХОН, 22.09.1986, муовини декан оид ба таълими факултети химия ва биология;*
*24. САФАРОВ АҲЛИДДИН, 22.09.1986, муовини декан оид ба тарбияи факултети иқтисод ва идора;*
*25. ИБОДОВА МАВЗУНА, 23.09.1988, танзимгари факултети иқтисод ва идора;*
*26. НОЗИМОВА ИБОДАТХОН, 24.09.1992, ассистенти кафедраи география ва сайёҳӣ;*
*27. ЯҚУБЗОДА ФИРӮЗ, 24.09.1991, н.и.с., мутахассиси пешбари раёсати таълим;*
*28. ҒУЛОМОВА ЗАҲРО, 25.09.1963, корманди бахши хоҷагӣ;*
*29. ДАВЛАТОВА МАЛОҲАТ, 28.09.1985, муаллими калони кафедраи таҳсилоти томактабӣ ва кори иҷтимоӣ;*

*Таҳияи раёсати кадрҳо ва корҳои махсус*

ЗИНАТИ ИНСОН СЕ ЧИЗ АСТ: ИЛМ, МУҲАББАТ ВА ОЗОДӢ
АНВОРИ ДОНИШ

МУАССИС:
ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ КӮЛОБ БА НОМИ АБУАБДУЛЛОҲИ РӮДАКӢ

ҲАЙАТИ МУШОВАРА:
РАҲМОН ДИЛШОД САФАРБЕК,
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, ректори Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ
ИБОДОВ МАҲМАДУЛЛО,
доктори илмҳои фалсафа, профессор
АБДУСАМАДЗОДА ЭРАҶ,
номзади илмҳои филологӣ, дотсент
ХУДОЙДОДОВА ШАРОФАТ,
номзади илмҳои филологӣ, дотсент
ҒУЛОМОВ ИСЛОМ,
доктори илмҳои педагогӣ, профессор
АБДУЛЛОЕВ МАҲМУД,
доктори илмҳои таърих, профессор
МИРЗОЕВ САЛИМ,
доктори илмҳои педагогӣ, профессор
ИЗЗАТУЛЛОЕВ КУГАН,
номзади илмҳои педагогӣ, дотсент
РАФИЕВ САФАРХОН,
номзади илмҳои педагогӣ, дотсент
САФАРЗОДА МУНИР,
номзади илмҳои педагогӣ, дотсент
ЗУЛФИЕВ ГАДОМАД,
номзади илмҳои филологӣ, дотсент

САРМУҲАРРИР:
МУҲАММАДҶОНИ АБДУВОҲИД

ТАРРОҲИ КОМПЮТЕРӢ:
ИБРОҲИМИ ЮСУФ

ШАРТҲОИ ҚАБУЛИ МАВОД:
Дастнавис қабул карда намешавад.
Мавод бояд бо ҳуруфи Times New Roman Tj, андозаи 14 ҳуруфчинӣ шуда бошад. Рӯзнома ба ҳама афкори муаллифон мувофиқ аст ва андешаҳои мухталифро ба хотири риояи гуногунандешӣ ба табъ мерасонад.

Андеша ва ақидаҳои нашршудаи шахсии муаллифон дар мақолоту гузоришҳо ақидаи расмии ҳайати эҷодии рӯзнома маҳсуб намешавад.
Дурустии асноду далели мақолаҳо ба уҳдаи муаллифон аст.

Рӯзнома дар ҶДММ “Мега-принт” ба табъ расидааст.
Сифати чопи рӯзнома ба дӯши матбаа аст
Адади нашр: 5000 нусха

Нашрия дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №364/РЗ-97, 31.03.2023 аз нав ба қайд гирифта шудааст.

Мавод бо забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ нашр мешаванд.
Рӯзнома тариқи обуна дастрас мегардад.

НИШОНӢ:
735360. ш.Кӯлоб, кӯчаи С. Сафаров 16
E-mail: anvor.donish@kgu.tj
Телефон: корӣ: (83322) 3-31-15,
мобилӣ: 988-12-32-34; 555-57-59-63

БО МО ҲАМРОҲ БОШЕД!
СОМОНА | FACEBOOK